М. ЛУТФУЛЛОЕВ: ЗИДДИ ТАҲСИЛИ 12-СОЛААМ! с. 5

РУСТАМ ЯТИМОВ – БЕҲТАРИН ДАРВОЗАБОНИ РУСИЯ с. 15

ТАРТИБИ НАВ БАРОИ МУҲОҶИРОН с. 4



# ТОҶИКИСТОН

№21 (1634), 21.05.25 Рӯзнома зиёд, «Тоҷикистон» яктост! Оғози нашр соли 1992

Эмомалӣ Раҳмон:

# КОР НАМЕКУНЕД, ҶОЙРО ХОЛӢ КУНЕД!



## ДАР ИН ШУМОРА:

**“ПОЧТАИ ТОҶИК”**
Интиқол ба Русия барқарор шуд с.2

**ҚАЗИЯИ «КРОКУС»**
Муҳлати боздошти гумонбарон боз тамдид шуд с.4

**САРМОЯГУЗОРӢ**
Соҳибкорони Арабистони Саудӣ дар Душанбе с.7

**ВАРЗИШ**
Пирӯзии “Равшан” ва аввалин бохти “Истиқлол” с.15

**БЕҲТАРИНҲО**
“Тамғаи писандидаи Тоҷикистон - 2025” ҷамъбаст шуд с.8






# РЕКТОРИ ДОНИШГОҲИ САМАРҚАНД ДОКТОРИ ФАХРИИ ДМТ ШУД

**Ректори Донишгоҳи давлатии Самарқанд ба номи Шароф Рашидов, профессор Рустам Холмуродов бо унвони «Доктори фахрии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон» сарфароз гардонида шуд.**

Ин унвонро ба профессор Рустам Холмуродов муовини Сарвазири мамлакат Дилрабо Мансурӣ ва ректори ДМТ Эмомалӣ Насриддинзода супориданд.

Муовини Сарвазири мамлакат Дилрабо Мансурӣ зимни суханронӣ ва супоридани мукофот саҳми арзандаи профессор Холмуродовро дар таҳкими робитаҳои дуҷонибаи муассисаҳои таҳсилоти олии Тоҷикистон ва Ӯзбекистон махсус зикр намуд.

Бо супоридани дипломи доктори фахрӣ ва пӯшонидани либоси ифтихорӣ, ректори ДМТ таъкид кард, ки доктори фахрии донишгоҳ ҳуқуқ дорад дар корҳои илмӣ-тадқиқотӣ, лексияҳо, конфронсу симпозиумҳо ва дигар чорабиниҳои илмии донишгоҳ ширкат намояд.

# ҚАРЗИ ХОРИҶИИ ТОҶИКИСТОН КАМ ШУД

**То 1-уми апрели соли 2025 қарзи хориҷии Тоҷикистон 3 млрд 101 млн долларро ташкил додааст, ки 87 млн доллар ё худ 2,7% камтар дар муқоиса бо аввали сол аст.**

Дар ин бора Вазорати молияи Тоҷикистон маълумот додааст.

Қисмати асосии қарз (95,6%) ба қарзи давлатӣ рост омада, боз 4,4% ухдадориҳо бо кафолати давлатӣ мебошанд.

Қарздиҳандаи асосӣ бо ҳудуди 1 млрд доллар Чин боқӣ мемонад. Ҳамчунин, Тоҷикистон аз Бонки Ҷаҳонӣ, Бонки осиёии рушд, Бонки исломии рушд, инчунин Бонки аврупоии таҷдиду рушд маблағҳои назаррас қарздор аст.

Дар буҷети соли 2025 барои хидматрасонӣ ва пардохти қарзи беруна ҳудуди 4 млрд сомонӣ (тақрибан 385 млн доллар) маблағ пешбинӣ шудааст. Зиёда аз 3 млрд сомонии он ба пардохти қарзи асосӣ ва ҳудуди 1 млрд сомонӣ ба пардохти фоизҳо рост меояд.

# МАҲДУДИЯТ ДАР ҲАРАКАТИ МОШИНҲОИ ГАРОНВАЗН

**Шурӯъ аз 1-уми июни соли равон дар Тоҷикистон барои ҳаракати нақлиёти гаронвазн дар роҳҳо маҳдудияти мавсимӣ ҷорӣ мешавад.**

Дар ин бора Вазорати нақлиёти Тоҷикистон хабар додааст.

Ҳангоми беш аз 25 дараҷа гарм будани ҳаво ҳаракати нақлиёте, ки зиёда аз 6 тонна вазн доранд, аз соати 10:00 то 20:00 маҳдуд карда мешавад.

Ба иттилои манбаъ, ҳадаф пешгирии вайроншавии роҳҳои мошингарди мамлакат мебошад.

Маҳдудияти ҳаракати воситаҳои нақлиёти гаронвазн то 31-уми август идома меёбад ва он асосан дар роҳҳои мошингарди Душанбе-Чанок, Ваҳдат-Данғара-Кӯлоб-Хоруғ-сарҳади Чин, Ваҳдат-Рашт-Лахш-сарҳади Қирғизистон, Гулистон-Фархор-Панҷ-Дӯстӣ-сарҳади Афғонистон, Бохтар-Данғара, Қизил-Қалъа-Чарбуча, Душанбе- Бохтар-Панҷи поён-сарҳади Афғонистон, Айнӣ-Панҷакент-сарҳади Ӯзбекистон, Истаравшан-Зафаробод-сарҳади Ӯзбекистон, Конибодом-Дехмой, Истаравшан-Зафаробод-сарҳади Ӯзбекистон, Исфара-Ворух- сарҳади Қирғизистон ҷорӣ карда мешавад.



# САФАРИ РУСТАМИ ЭМОМАЛӢ БА АМРИКО

**20-уми май раиси шаҳри Душанбе Рустами Эмомалӣ бо сафари корӣ вориди шаҳри Ню-Йорки Амрико шуд.**

Ҳадаф аз ин сафар иштирок дар таҷлили «Рӯзи ҷаҳонии футбол» дар Маҷмаи Умумии Созмони Милали Муттаҳид аст.

Ёдовар мешавем, ки маҳз бо пешниҳоди Президенти Федератсияи футболи Тоҷикистон ва Ассотсиатсияи футболи Осиёи Марказӣ Рустами Эмомалӣ 7-уми майи соли 2024 Маҷмаи Умумии Созмони Милали Муттаҳид бо қатъномаи махсус 25-уми майро ҳамчун Рӯзи ҷаҳонии футбол эълон кард.

# САРИ САБЗ



**Акбари ТУРСОН, донишманди тоҷик, академик**

**- Шоироне ҳастанд, ки дар бораи ишқ шеърҳои олӣ мегӯянд, лекин дар зиндагиашон ишқро ё эътироф намекунанд ё баръакс, инкор мекунанд, ё рафторашон ба он идеалҳое, ки дар осорашон тасвир мешавад, мувофиқ намеояд.**

*- Пас, амиҷон чӣ фикр доред, ин турфа шоирон шеърҳои худро дар кадом ҳолат навишта бошанд? Ҳангоми сайругашт дар гулгаштҳо, истироҳат дар осоишгоҳ, иштирок дар базмҳо, ё...*



**Элдор ҶОННАЗАРОВ, олим ва офталмологи тоҷик**

**- Интихоби идомаи таҳсил дар донишгоҳҳои Русия - ин як қадами бошуурона ба сӯи оянда дурахшон аст. Русия кишвари олимони бузургу табибони номдор, кишвари имкониятҳо аст, ки дар он ҳар як шахс метавонад ба сӯи таҳсили шоиста роҳ пайдо кунад.**

*- Ваҳ-ваҳ, аҷаб зебо ва шуниданиву хонданӣ гуфтед! Аммо, магар дар "ҳар як шахс метавонад ба сӯи таҳсили шоиста роҳ пайдо кунад" гуфтанатон ягон духӯрагие ҳис намекунед?*



**Қурбони СОБИР, Ҳунарпешаи халқии Тоҷикистон**

**- Ҳама чизҳое, ки синамогарони эронӣ доранд, мо низ дорем, ба истиснои пул. Филмро бе маблағ сохта намешавад. Асп дорем, човандозӣ карда метавонем, фақат майдон лозим аст. Майдон ба маънои маблағ аст.**

*- Оре, ҳама чиз дорем, асп дорем, човандозӣ карда метавонем, майдонҳои беинтиҳову фаррох дорем... Барои майдон бошад, боварӣ ҳаст, ки ягон кас ба хотири рушди синамо "майдонпулӣ" талаб намекунад.*

ҲАЙАТИ МУШОВАРА

**Шариф ҲАМДАМПУР,** Сармуҳаррир, раиси ҳайати мушовара

**Усмон РАҲИМЗОДА,** муовини сармуҳаррир

**Одил НОЗИР,** муҳаррир

**Қобилҷон ХУШВАХТЗОДА,** президенти АМИТ

**Шералӣ КАБИР,** Вазири саноат ва технологияҳои нави ҶТ

**Саидмукаррам АБДУЛҚОДИРЗОДА,** раиси Шӯрои уламои Тоҷикистон.

**Носирҷон САЛИМӢ,** академик

**Рафаэл НЕКТАЛОВ,** сармуҳаррири рӯзномаи "The Bukharian Times"

**Масъуди МИРШОҲӢ,** раиси Бунёди Рӯдакӣ (Порис)

**Шариф РАҲИМЗОДА,** доктори илми иқтисодӣ, профессор

**Урватулло ТОИРОВ,** доктори илми филология, профессор

**Тамара МОСКАЛЁВА,** нависанда (ИМА), зодаи Тоҷикистон

**Гулсифат ШАҲИДӢ,** нависанда

**Иноят ИНОЯТОВ,** ҳуқуқшинос

**Фирдавс САТТОРОВ,** саҳифабанд

**МУАССИС:** Ҳайати кормандони хафтанома

*Ҳафтанома дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти №0054/РЗ сабти ном шудааст.*
*Дар ҳафтанома маводҳое низ ба нашр мерасанд, ки ба мавқеи идора мувофиқ нестанд. Барои дар дигар нашрияҳо чоп намудани маводи ва иқтибосҳо аз «Тоҷикистон» зикри манбаъ ҳатмист. Ҳуқуқи муаллифии ҳамаи маводҳои шумора ба идораи ҳафтаномаи «Тоҷикистон» тааллуқ доранд ва тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва байналмилалӣ ҳифз карда мешаванд. Ҳафтанома аксҳо ва маводҳои ҷолибро аз шабакаи Интернет мавриди истифода қарор медиҳад. Ҳафтанома масъулияти маводҳои интиқодӣ ва хусусияти таблиғотиро ба дӯш надорад. Инчунин, ба мазмун ва санаду рақамҳои маводи чопшуда муаллифон ҷавобгаранд.*

ТЕЛЕФОНИ ИДОРА:
221-00-84,
227-19-95
tojikiston@pressa.tj

ШУЪБАИ ЭЛОН ВА РЕКЛАМА
ш. Душанбе, хиёбони С. Шерозӣ 16
238-78-78, 44 640-99-88,
238-61-61
ads@rg.tj

ОБУНА ВА ФУРӮШИ РӮЗНОМАҲО
918-66-82-64,
221-41-11

ТЕЪДОДИ НАШР:
33 000 нусха.

Эмомалӣ Раҳмон:

# КОР НАМЕКУНЕД, ҶОЙРО ХОЛӢ КУНЕД!

**Таҳлилҳои берун аз матни расмии суханронии Президенти мамлакат Эмомалӣ Раҳмон, дар баробари суханони расмӣ аҳамияти вижа доранд. Онҳо аксар вақт эҳсоси самимият, масъулият ва дарки амиқи вазъи мардуму кишварро нишон медиҳанд. Аз ҷумла, суханҳои Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон 17-уми май зимни ҷаласаи кории ҳукумат бо иштироки роҳбарони вилоят ва шаҳру ноҳияҳо дар ноҳияи Данғара ҷиҳатҳои зиёди омӯзанда доштанд.**



## АЗ КОҲИШИ ИСТЕҲСОЛОТ ТО БАСТАШАВИИ КОРХОНАҲО

Президенти Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар ҷаласаи кории ҳукумат, ки дар ноҳияи Данғара баргузор шуд, аз вазъи иқтисодӣ, бахусус соҳаи саноат ва кишоварзии кишвар изҳори нигаронӣ кард.

Ба таъкиди Сарвари давлат, дар чор моҳи аввали соли 2025 дар кишвар 159 корхона аз фаъолият бозмондаанд. Ин дар ҳолест, ки дар ҳамин давра 121 корхонаи нави саноатӣ ба истифода дода шудаанд. Ба гуфтаи Президент, ин нишондиҳанда метавонад таъсири манфӣ ба рушди иқтисодӣ ва шуғли аҳолӣ гузорад.



Дар моҳҳои январ - апрели соли ҷорӣ дар кишвар 121 корхонаи нави саноатӣ ба истифода дода шудааст, аммо дар вилояти Хатлон - шаҳру ноҳияҳои Бохтар, Норак, Носири Хусрав, Шамсиддини Шоҳин, Дӯстӣ, Фархор, Панҷ, Ҷайҳун, Ҷалолиддини Балхӣ ва дар вилояти Суғд дар шаҳру ноҳияҳои Айнӣ, Кӯҳистони Мастчоҳ ва Истиқлол ягон корхона ё коргоҳи нав таъсис дода нашудааст.

Ба таъкиди Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон, ҳама аз роҳбар сар мешавад. "Маълум мешавад, ки роҳбарони ин шаҳру ноҳияҳо қобилияти ташкилотчигӣ надоранд",- изҳори нигаронӣ кард Сарвари давлат.

Ҳамчунин, Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон аз коҳиши истеҳсоли нахи пахта ва газворҳои пахтагин хабар дод. Дар чор моҳи аввали сол истеҳсоли нахи пахта 10,8 ҳазор тонна ва газворҳои пахтагин 1,3 миллион метри мураббаъ кам шудааст. Президент таъкид кард, ки чунин вазъ яке аз омилҳои асосии коҳиши ҳаҷми маҳсулоти нассоҷӣ мебошад.

Дар давраи зикршуда дар аксари шаҳру ноҳияҳои кишвар либоси мактабӣ истеҳсол нагардидааст, ки хеле нигаронкунанда мебошад.

"Чӣ намерасад? Чӣ баҳона мекунед? Материал? Намекобед! Дар ноҳияи Данғара, пахтаи тоҷикӣ, аз сад нафар зиёд кор мекунанд. Либосҳои тайёр, содирот карда истодааст. Барои чӣ хоҳиш надорем? Завқ надорем? Ҳама чӣ аз берун меояд",- изҳор дошт Президент.

Зикр гардид, ки камбудиҳои зикршуда сабаби саривақт ва сифатнок иҷро нашудани барномаҳои рушди соҳаи саноат, бахусус, дар вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳои кишвар гардида истодаанд.

Зарур дониста шуд, ки камбудиҳои ҷойдоштаи соҳа бартараф ва масъалаҳои ташкили корхонаҳои нави истеҳсолӣ, таъсиси ҷойҳои кории нав ва зиёд намудани суръати рушди истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ, бахусус, дар соҳаҳои коркард сари вақт ҳаллу фасл карда шаванд.

"Таъкид менамоям, ки имкониятҳои истифоданашуда дар самти рушди саноат дар минтақаҳои кишвар, махсусан, саноати коркард дар вилояти Хатлон ниҳоят зиёданд. Ҷиҳати пурра истифода намудани онҳо ташаббускории роҳбарону масъулони вилоятҳо, шаҳру ноҳияҳо, вазорату идораҳои соҳавӣ, ҷалби сармояи мустақими ватаниву хориҷӣ ва воридоти технологияҳои пешқадам зарур мебошад",- изҳор дошт Президент.

## КАДОМЕ, КИ КОР НАМЕКУНЕД, ҶОЙРО ХОЛӢ КУНЕД!

Масъалаи дигаре, ки мавриди интиқоди Президент қарор гирифт, иҷро нашудани нақшаи кишти пахта ва картошка дар баъзе шаҳру ноҳияҳо буд. Ӯ гуфт, ки таъмини амнияти озуқаворӣ ва рушди бахши содиротӣ аз иҷрои пурраи ин нақшаҳо вобастагӣ дорад.

Президенти кишвар ҳамчунин изҳори нигаронӣ кард, ки имсол дар аксари шаҳру ноҳияҳо истеҳсоли либоси мактабӣ ба роҳ монда нашудааст. Ӯ ин вазъро "нигаронкунанда" номид ва гуфт, ки бояд ба рушди истеҳсоли маҳсулоти дар дохил истеҳсолшаванда таваҷҷуҳи ҷиддӣ зоҳир гардад.

"Чанд сафар ба ВМКБ доштам. Дар ноҳияи Ванҷ, Дарвоз, ҳатто Ишкошим. Дурдасттарин ноҳия аст. Дар он ҷо корхонаи саноатӣ нест. Якчанд маслиҳатҳо додам. Ҳамонҳо карданд. Ҳазорон ҷойи корӣ шудааст. Мову шумо тутро мехӯрем, хушк намекунем. Дар ноҳияи Ванҷ тутро содирот мекунанд. Ё дигар меваҳо, дар Бадахшон коркард карда, содирот карда истодаанд. Дар шумо пӯсида хоб аст. Ман дар назар дорам меваю зардолуи Шаҳритусу Қубодиёнро. Агар коркард кунед, даҳҳо баробар даромади бештар мегиред. Ҷои корӣ мешавад. Чӣ гуна ғамхорӣ мекунем нисбати мардум? Шуморо барои чӣ таъин кардем дар ин вазифаҳо, раисони шаҳру ноҳияҳо? Кадоме, ки кор намекунад, ҷойро холӣ мекунад. Умуман, аз системаи хизмати давлатӣ",- гуфт Президент.

Сарвари давлат Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ ва мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилоят ва шаҳру ноҳияҳоро вазифадор кард, ки ҷиҳати бо ҷойи кори доимӣ таъмин намудани аҳолии кишвар чораҳои иловагӣ андешанд.

## БА ҲАР САРДОРИ ОИЛА ҚОНУНРО ХОНЕД, ИМЗОЯШРО ГИРЕД!

Масъалаи дигаре, ки боиси нигаронии Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон шуд, истифодаи мақсадноки барқ буд. Президент гуфт, ки барои иҷрои таъмини аҳолии мамлакат бо қувваи барқ ҳамагӣ 1,5 миллиард киловатт соат лозим аст. Яъне ҳамин қувваи барқи истеҳсолшуда дар Ватан ҳозир пурра барои мардум мерасад ва зиёдатӣ мекунад.

"Дар миқёси давлати собиқ шӯравӣ, ки ин қадар неругоҳҳо сохта шуда бошанд, ғайри Тоҷикистон нест. "Сангтӯда-1", "Сангтӯда-2", неругоҳи барқии "Сарбанд"-ро қариб пурра аз нав кардем, ҳозир ҳам давом дорад. "Қайроққум", "Норак" аз нав бозсозӣ шуда истодаанд.

НБО-и "Роғун" бунёд шуда истодааст. Ду агрегаташ кор карда истодааст. Намерасад. Нисфи ҳаминро надоштем. Мардум ҳам бояд донанд. Сарфакор бошанд, ки дар фасли зимистон худи мо, фарзандони мо азият накашанд. Ман маҷбур шудам, чунин қонунро қабул кардам",- изҳор дошт Президент берун аз суханронии расмӣ.

Президенти мамлакат Эмомалӣ Раҳмон дар идома гуфт:

- Пеш аз ҳама қонунро Прокурори генералӣ аз кормандони Вазорати энергетика сар карда, то "Барқи тоҷик", ширкатҳои тақсиму фурӯши "Барқи тоҷик" дар аввал ба худи онҳо шинос кунед. Чунки бе кормандони "Барқи тоҷик", бе мутахассис, бе монтёр ягон сим, ягон трансформатор ба ягон хона пайваст намешавад.

Роҳи дигар нест! Ба ҳар як сардори оила қонунро мехонед, имзояшро мегиред, нусхаашро мемонед, назорат мекунед. Агар риоя нагардад, то 10 сол дар назди қонун ҷавоб гӯяд.

Дар ин раванд кадом корхонае, ки монеагӣ мекунад, роҳбарашро баред, назди қонун ҷавоб гӯяд.

Нархе, ки имрӯз давлат барои мардум, барои истифодаи қувваи барқ муайян кардааст, арзонтарин дар ҷаҳон аст. Ин хел нарх нест.

Қарз гирифта, неругоҳҳо сохта истодаем, ин маблағро чӣ хел бармегардонем?

Маблағе, ки имрӯз ҷамъ карда истодаанд, ба маоши худи кормандони соҳаи "Барқи тоҷик" намерасад.

Мо ҳисоб кардем, дар 32-33 шаҳру ноҳия мошинҳо - насосҳои обкашӣ кор мекунанд, бо неруи барқ. Талафоти неруи барқ дар ана ҳаминҷо зиёд аст.

Барои чӣ? Ин на барои он аст, ки насос кор мекунад бо барқ. Ҳама талафоту бадбахтӣ дар сари ана ҳамин насосҳост.

Аҳолӣ маблағро месупорад, пулро ҷамъ мекунанд аз аҳолӣ. Пул ки ҷамъ шуд, куҷо барад ин пулро? Ба давлат супорад, ё ба кисааш? Пеш аз ҳама ғами кисаро мехӯрад.

Бо стансияҳои обкашӣ маслиҳат як мекунанд. 30, 40, 50 миллион киловаттро дар насосҳо менависанд. Пулро мегиранд ва менависанд талафоти неруи барқ аз аҳолӣ, талафоти техникӣ.

Инро ҳисобашро ёфтан даркор!

Ҳамин 35 стансияи насосӣ аст, ҳисобкунакҳоро мемонед, дар наздаш 2 нафар - 70 нафар корманди милисаро мемонед. Назорат кунед, ҳаминҳо чӣ кор мекунанд боз?

Ва дигар: ҳарчи зудтар қатъ кардан даркор. Он "дузд"-ҳое, ки хона ба хона мегарданду пул ҷамъ мекунанд. Ҳамаашонро ҷавоб додан даркор. Ғайринақдӣ ба бонкҳо супоранд.

Вақте нақд аз аҳолӣ ҷамъ мекунанд, ба ҳамаи роҳ мераванд.

## ГУНОҲИ 160 ҲАЗОР НАФАРРО БАХШИДАМ

Ягон роҳбари давлат бадбахтии миллати худро намехоҳад. Ман шахсан ин корро накардаам. Ман дар зарфи фаъолияти роҳбарии худ 160 ҳазор нафарро бахшидам, аз маҳбас озод кардам.

Ин қонунро барои он қабул кардам, ки тартибот шавад. Мардум дар фасли зимистону хунукӣ азият накашанд.

## Байден бемории саратон шудааст



**Ҷо Байден, раисҷумҳури пешини Амрико ба саратони простата мубтало шудааст. Ӯ 82 сол дорад.**

Дафтари Байден рӯзи якшанбеи 18-уми май эълон кард, ки ду рӯз пеш дар пайи бурузи нишонаҳои ин беморӣ, пизишкон президенти пешинро ташхис карда, дар ӯ бемории саратонро ошкор кардаанд.

Доналд Трамп, президенти феълии ИМА дар шабакаи иҷтимоии худ навишт, ки ӯ ва ҳамсараш аз шунидани хабари бемории Ҷо Байден "бисёр мутаассир" шудаанд ва барои Байден орзуи саломатӣ мекунанд. Байден соли 2020 дар интихоботи президентӣ пирӯз шуда, то охири соли 2024 Амрикоро роҳбарӣ кард.

AP

## ИА ба Радиои Озодӣ 5,5 млн евро медиҳад




**Иттиҳоди Аврупо барои ироаи 5,5 миллион евро маблағ ба ҳайси кумаки изтирорӣ ба Радиои Аврупои Озод/Радиои Озодӣ (РАО/РО) мувофиқат кардааст.**

Дар ин бора рӯзи 20-уми май Кая Каллас, раиси сиёсати хориҷии Иттиҳоди Аврупо (ИА) хабар дода, гуфт, ки "маблағгузории кӯтоҳмуддат як амнияте барои журналистикаи мустақил мебошад". Гуфта мешавад, ки ин маблағҳо тавассути созмони ғайридавлатии "Бунёди Аврупо барои демократия" ироа хоҳанд шуд.

Ёдовар мешавем, ки пас аз як фармони Доналд Трамп Оҷонсии ИМА оид ба расонаҳои ҷаҳонӣ (USAGM) маблағгузории Радиои Озодиро қатъ кард. Вале баҳси судии радио бо ин ниҳод идома дорад.

Deutsche Welle

# СУҲБАТИ ПУТИН БО ТРАМП

## Умедворӣ ва шартгузорӣ барои хотимаи ҷанг

**Доналд Трамп, президенти Амрико рӯзи душанбе гуфт, ки Русия ва Украина барои хотима додан ба ҷанги сесола бе ҳеҷ таъхире ба музокирот оғоз мекунанд. Ӯ дар ин бора пас аз гуфтугӯи дувунимсоатаи телефонӣ бо Владимир Путин, раисҷумҳури Русия суҳбат кард.**



Доналд Трамп баъди суҳбати телефонӣ бо Владимир Путин гуфт, ки Русия ва Украина барои созиши оташбас ва поён додан ба ҷанги сесола "фавран ба музокирот оғоз мекунанд".

"Умедворам, мо коре кардем,- гуфт ӯ ба хабарнигорон шоми 19-уми май.- Мо ҳамчунин бо раҳбарони бисёре аз кишварҳои аврупоӣ суҳбат доштем ва умедворем, ки тамоми корро ҷамъбаст кунем. Худи оғози ҷанг аз аввал як шармандагӣ буд".

Пас аз суҳбат бо Трамп, Владимир Путин дар шаҳри Сочи ба хабарнигорон гуфт, ки талошҳо барои поён додан ба ҷанг дар умум дар роҳи дуруст ҳаракат мекунанд.

Путин гуфт, ки "раисҷумҳури Амрико мавқеи худро дар бораи қатъи даргириҳо ва созиши оташбас баён кард. Ман гуфтам, ки Русия ҳам тарафдори ҳалли сулҳомези бӯҳрони Украина аст. Мо бояд роҳҳои аз ҳама босамари ҳаракат ба самти сулҳро муайян кунем. Бо раисҷумҳури Амрико ба мувофиқа расидем, ки Русия ёддошти ҳусни тафоҳумро дар бораи аҳдномаи эҳтимолии сулҳ пешниҳод мекунад ва омодаи ҳамкорӣ бо Украина аст. Дар ин аҳднома баъзе аз усулҳои роҳи ҳал, мӯҳлати бастани аҳдномаи эҳтимолии сулҳ, аз ҷумла созиши оташбас дар мӯҳлати муайян бояд зикр шаванд".

Владимир Зеленский, президенти Украина қабл аз суҳбати Трамп бо Путин бо раисҷумҳури Амрико гуфтугӯи телефонӣ ва сипас бо раҳбарони кишварҳои аврупоӣ суҳбати телефонӣ барпо кард. Ӯ ба хабарнигорон гуфт, умедвор аст, ки нишасте бо ҳузури мақомоти баландпояи Русия, Амрико ва дигар кишварҳо дар зудтарин фурсат баргузор шавад.

"Мо нишасти ҳамаи ҳайатҳоро баррасӣ мекунем. Мехоҳем дар сатҳи баланд бошанд. Амрико, Украина, Русия, кишварҳои аврупоӣ ва Бритониё. Чунин нишаст метавонад дар Туркия, Ватикан ва ё Швейтсария баргузор шавад",- гуфт Зеленский.

Украина гуфтааст, ки омодаи созиши оташбас аст, вале Русия гуфтааст, пеш аз ҳама шартҳо бояд иҷро шаванд. Ҳафтаи гузашта, мулоқоти рӯ ба рӯи ҳайатҳои Русия ва Украина ҳеҷ ҳосил надод.

Доналд Трамп, ки қавл додааст, ба ҷанги Русия дар Украина поён медиҳад, батакрор хоҳони оташбас шудааст. Аммо бо вуҷуди фишорҳои хусусии Трамп ва хушдорҳои батакрори раҳбарони аврупоӣ, Владимир Путин, ки нерӯҳои кишвараш панҷяки қаламрави Украинаро дар даст доранд ва пеш мераванд, ба шартҳои поён додан ба ҷанг истодагарӣ кардааст.

## ҚАЗИЯИ «КРОКУС». МӮҲЛАТИ БОЗДОШТ БОЗ ТАМДИД ШУД

**Суди шаҳри Маскав рӯзи 19-уми май бо як қароре мӯҳлати боздошти чор шаҳрванди Тоҷикистони гумонбар дар ҳамлаи толори консертии "Крокус"-ро ба мӯҳлати чор моҳи дигар тамдид кард.**

Гуфта мешавад, ки бо қарори суд Фаридуни Шамсиддин, Саидакрам Раҷабализода, Далерҷон Мирзоев ва Муҳаммадсобир Файзов ба мӯҳлати 3 моҳу 28 рӯзи дигар дар боздоштгоҳ мемонанд.

Ин гумонбаронро тафтишоти Русия иҷрокунандаи ҳамла меномад. Поёни моҳи апрел мақомоти ҳифзи қонуни Русия гуфтанд, ки парвандаи гумонбарони ҳамла ба "Крокус Сити Ҳолл"-ро моҳи июн ба суд мефиристанд. "ТАСС" навишт, ки парвандаро Суди ҳарбии 2-юми ҳавзаи ғарбӣ баррасӣ хоҳад кард.





## 20 ҲАЗОР МУҲОҶИР ДАР ҶАБҲА

**Раиси Кумитаи тафтишоти Русия Александр Бастрикин теъдоди муҳоҷиронеро, ки шаҳрвандии Русияро гирифтаву дар амалиёти низомии ин кишвар дар қаламрави Украина ширкат мекунанд, эълон намуд.**

Бастрикин рӯзи 20-уми май дар ҳамоиши ҳуқуқшиносони Петербург суханронӣ кард. Ӯ аз ҷумла гуфт, ки 80 ҳазор «чунин шаҳрвандони Русия» аллакай «қапида шудаву» 20 ҳазор «шаҳрванди ҷавони Русия, ки бо чӣ сабабе зиндагӣ дар Ӯзбекистон, Тоҷикистон, Қирғизистонро хуш надоранд, дар ҷабҳа қарор доранд».

## ТАРТИБИ НАВ БАРОИ МУҲОҶИРОН

**Думаи давлатии Русия бо қабули қонуни нав муҳоҷиронро муваззаф кард, ки дар шаҳр ва вилояти Маскав макони ҷойгиршавии худро ҳар рӯз ба пулис хабар диҳанд. Қонун рӯзи 20-уми май қабул шуд.**

Бар асоси ин санад, аз 1-уми сентябри имсол дар шаҳри Маскав ва вилояти ҳамноми он таҷрибаи нав дар бораи макони ҷойгиршавии муҳоҷирон ҷорӣ мешавад.

Ин тартиб муҳоҷиронро муваззаф мекунад, ки тариқи барномаи махсуси телефонӣ дар куҷо будани худро ба сохторҳои Вазорати корҳои дохилӣ хабар диҳанд.

Агар мақомоти Русия дар муддати се рӯз ё бештар аз он дар бораи дар куҷо будани муҳоҷир маълумот нагиранд, пас ин шаҳрванди хориҷӣ ба рӯйхати шахсони зери назорат ворид карда мешавад. Ворид шудани номи шахс ба ин рӯйхат будубоши ӯро дар Русия манъ мекунад.

Ба ҷуз муҳоҷирон, тартиби нав барои ҳама шаҳрвандони хориҷие амалӣ карда мешавад, ки ба муддати зиёда аз 90 рӯз вориди Маскав ва вилояти ҳамноми он мешаванд.



## Маҳмадулло Лутфуллоев:
# ЗИДДИ ТАҲСИЛИ 12-СОЛА ҲАСТАМ!

**Муаллифи китоби “Алифбо”, доктори илмҳои педагогӣ, профессор, академики Академияи таҳсилоти Тоҷикистон Маҳмадулло Лутфуллоев 90-сола шуд. Ба ин муносибат бо эшон суҳбате доштем, ки фишурдаи он манзури шумо мегардад.**

### “АЛИФБО” ДАР АФҒОНИСТОН

**- Аз ҳолномаатон бармеояд, ки нахустин китоби “Алифбо”-ро дар Кобул навиштаед. Мехоҳам дар ин маврид суҳбат кунед.**

- Соли 1978 дар Афғонистон Инқилоби Савр ғалаба кард ва ҳукумати советӣ як гурӯҳ мутахассисонро ҳамчун мушовир ба соҳаҳои гуногуни хоҷагии халқи ин мамлакат сафарбар намуд. Аз ҷумла, маро ба ҳайси мушовири вазири маориф фиристоданд. Яке аз вазифаҳои мо дар Вазорати маориф таълифи китобҳои дарсии ба талабот ҷавобгӯ буд. Зеро китобҳои дарсӣ, аз ҷумла “Алифбо” дар ин кишвар аз методҳои ҳозиразамон тамоман дур буданд. Бинобар ин, банда ба таълифи “Алифбо”-и дарӣ машғул шудам. То инқилоб дар Афғонистон ду забон расмӣ буд - дарӣ ва пашту. Баъди инқилоб 3 забони дигар - ӯзбекӣ, балуҷӣ ва туркманӣ низ мақоми давлатӣ гирифтанд. Ҳамин тавр, ман якбора ба 5 забон “Алифбо” навиштам. Банда асосан тибқи талаботи нав бо дарӣ менавиштам ва мутахассисон ба ин забонҳо онро мутобиқ мекарданд. Дар Вазорати маориф шуъбаи таълиф ва тарҷума буд. Соли 1980 китоби “Алифбо” ба забони дарӣ омода шуд, вале чун ҳукумат дар дасти паштуҳо буд, супориш шуд, ки аввал алифбои паштуӣ чоп шавад. Ҳамин тавр ҳам шуд. Ва аз қафояш алифбои забони дарӣ чоп шуд.

**- “Алифбо”-и шумо чанд сол китоби дарсӣ буд?**

- То омадани мо, яъне то баромадани Артиши Шӯравӣ аз Афғонистон.

**- “Алифбо” ба хати кириллӣ буд?**

- Бале. Вақте Бабрак Кармал ба сари ҳукумат омад ва Афғонистон демократӣ шуд, онҳо кӯшиши қабули хати кириллиро карданд. Он вақт натанҳо китоби “Алифбо”, балки физика, математика ва дигар китобҳои дарсӣ низ ба кириллӣ чоп шуданд. Банда ҳам чандин китоби дарсӣ барои макотиби Афғонистон навиштам. Аз ҷумла, “Забони модарӣ” (барои синфи 1), “Асосҳои омӯзиш” (ба забонҳои дарӣ ва пашту), “Алифбо барои калонсолон”, “Дастури забони дарӣ” (нахв) ва ғайра. Қисме аз он китобҳоро худам оварда дар нашриёти “Маориф” дар Тоҷикистон нашр мекардам. Он солҳо китобҳо барои Афғонистон дар Кобул, Душанбе ва Москва чоп мешуданд.

### АЗ “АВ-АВ” ТО “ЛОЛА”

**- Аз солҳои 80-ум ба инҷониб, ҳамаи Тоҷикистон аз китоби “Алифбо”-и шумо соҳиби хату савод мешаванд. Чӣ гуна ин шараф насиби шумо гардид?**

- Соли 1980 банда ба рухсатии меҳнатӣ баромада, аз Кобул ба Душанбе омадам. Як рӯз маро ба Вазорати маориф даъват карданд. Бумагина ном шахс мудири шуъбаи таълифи китобҳои дарсӣ буд. Ӯ бо директори Пажӯҳишгоҳи илмҳои педагогӣ Баҳовиддинова ба ман пешниҳод карданд, ки “Алифбо” нависам. Рад кардам. Гуфтам, ки “Алифбо” соҳиб дорад, Ҳилол Каримов зиндаанд. Ман чӣ хел менависам? Баҳовиддинова як хатчаро бароварду ба ман нишон дод. Дар он як сатр навишта шуда буд: “Ман дигар “Алифбо” наменависам. Ҳилол Каримов”.

Гап дар сари он, ки ҳамон сол қарор шуда буд, то таълим дар мактабҳо аз 6-солагӣ оғоз шавад ва хусусияти “Алифбо” бояд тағйир дода мешуд. Қабл аз ин банда барои синфҳои тайёрӣ китобе навишта будам, ки “Субҳи дониш” ном дошт. Ҳамин аст, ки ин корро ба ман супориданд. Дигар ин ки, “Алифбо”-и пештара камбудиҳои зиёд дошт, ки дар ин хусус банда тақризҳо навишта будам.

“Алифбо”-и устод Ҳилол Каримов аз калимаи “ав-ав” сар мешуд. Ҳилол Каримов ба ман гуфтанд, ки як рӯз ба синфи 1-и мактаби №15 даромадам, ки тамоми синф баробар ав-ав мегуфтанд ва ман гӯшҳоямро дошта фирор кардам...

Дар нашри нав муаллим онро ба “аҳ-аҳ” иваз карданд, ки ба назарам бадтар шуд...

Ман вақти навиштани “Алифбо” дар мавриди калимаи нахустин зиёд фикр кардам. Зеро калимаи якум дар “Алифбо” нақши муҳим мебозад. Он бояд ба бачаҳо наздик бошад, онро бинанд, донанд, имкон бошад, муаллим онро ба синф орад ё расмашро нишон диҳад. Бинобар ин, банда калимаи “Лола”-ро интихоб кардам. Калимаи зебо, номи гуле, ки дар саросари Тоҷикистон мерӯяд ва номи маъмули духтарона. Хулоса “Алифбо”-ро навишта, ба Вазорати маориф супоридам ва он ҳамчун китоби дарсӣ қабул шуд. То ба имрӯз онро чанд маротиба тағйир додем. Тағйироти охиринамон ҳанӯз дар баррасии вазорат аст ва қарор аст, ки чоп шавад.

**- Чӣ зарурат пеш омад, ки китобро тағйир диҳед?**

- Бо талаботи замон ҷавобгӯ бояд кард. Банда ба кишварҳои мухталифи олам рафтам, ба Аврупо, кишварҳои назди Балтика, Русия ва ғайра. Таҷрибаи таълифи “Алифбо”-ро омӯхта, бо ҳамкорон китобро такмил додем. Камбудии ҷиддии “Алифбо”-и мо ба назар нагирифтани монандии ҳарфҳо буд, ки онро ислоҳ намудем.

### АЗ ТАҲСИЛИ 12-СОЛА ТО ГУЗАШТАН БА ХАТИ НИЁГОН

**- Чанд сол аст, ки дар Тоҷикистон талош мекунанд, то ба низоми 12-солаи таҳсил гузаранд. Тибқи низоми нав таҳсил дар мактабҳо аз синни 6-солагӣ шуруъ мешавад. Шумо дар ин бора дар боло ишора кардед. Аммо чӣ назар доред?**

- Тавре гуфтам, дар давраи советӣ мо таҳсил аз синни 6-солагӣ гузашта будем. Исбот шудааст, ки кӯдак дар ин синну сол қобилияти қабул дорад. Ман тарафдор ҳастам, ки таҳсил аз 6-солагӣ оғоз шавад, вале муқобили таҳсили 12-сола ҳастам. Мо бояд ба назар гирем, ки зарур аст, ки 12 соли умри як инсон дар мактаби миёна гузарад? Беҳтар нест, ки як ҷавон зудтар ба хизмати Ватан пардозад? Бояд ин масъалаҳо ҳаматарафа омӯхта шаванд.

**- Солҳои охир як гурӯҳ тарафдори гузаштан ба хати ниёгон ҳастанд. Шумо, муаллифи “Алифбо”-и кириллӣ, ба ин чӣ назар доред?**

- Ман аз ин баҳсҳо огоҳам. Солҳои 90-ум вақте таълими алифбои ниёгонро ҷорӣ кардем, банда нахустин китоби “Алифбои ниёгон”-ро барои макотиби тоҷикӣ таълиф кардам. Яъне ман бо ҳуруфи ниёгон мушкил надорам. Вале гузаштан ба хати ниёгон ва босавод кардани мардум бисёр душвор аст. Ҳоло дар мактаб фанни “Алифбои ниёгон” таълим дода мешавад, касе хоҳад, дар донишгоҳ меомӯзад ё тариқи худомӯзӣ.

**- Мехоҳам дар бораи “Алифбо” ба хати ниёгон муфассалтар суҳбат кунед. Ин китоб чӣ гуна таълифу нашр шуд?**

- Солҳои 90-ум зарурати таълими алифбои ниёгон дар мактабҳо пеш омад. Банда китобро навиштам, вале матбааи ба талабот ҷавобгӯ набуд, ки онро чоп кунем. Муовини вазири маорифи Эрон Ҳаддоди Одил бо сафари корӣ ба Тоҷикистон омад. Ману ӯ ва Лоиқ дар телевизион дар барномае ширкат кардем. Вақте масъалаи мушкили нашри китобро гуфтем, ӯ чопи онро ба уҳда гирифт. Мо китобро ба Теҳрон фиристодем, вале хабаре нашуд. Муддате гузашту вазири маориф Зокиров, Ниёз Сафаров ва ман ба Теҳрон рафтем. Ба қабули Ҳаддоди Одил даромада, тақдири китобро пурсидем. Ҳаддоди Одил гуфт, ки “Алифбо”-ро гирифтем, мутахассисон омӯхтанд, шумо ба Тоҷикистон рафта, муллифро равон кунед. Зокиров ба ман ишора карда гуфт, ки мана муаллиф. Ҳаддоди Одил хурсанд шуда, гуфт: “Ба шумо роҳи сафед, ин кас ин ҷо кор мекунанд”. Ҳамин тавр, се моҳ дар Теҳрон мондам ва камбудиҳои китобро бартараф карда, онро 500 ҳазор нусха чоп карда, ба Тоҷикистон овардам. Ин китоб чандин сол китоби дарсӣ буд.

### КӮДАК БОЯД ДАР КУНҶАК НАШИНАД

**- Масъалаи таълиму тарбияи фарзанд, ба гумонам аз оғози офариниш масъалаи дараҷаи аввал будааст. Шумо ҳамчун нафаре, ки умратонро ба ин соҳа бахшидед, бигӯед, ки барои тарбияи фарзанди босавод ва хушахлоқ чӣ зарур аст?**

- Барои посух гуфтан ба ин савол, китобҳо навиштан лозим. Вале агар посухи кӯтоҳ хоҳед, чунин аст. Нахуст, падару модар бояд босавод бошанд. Вале таҷриба нишон медиҳад, ки ин ҳам бисёр муҳим нест. Муҳим ин аст, ки онҳо аз мактаби одоб гузашта бошанд. Тарбия гирифта бошанд. Тарбияе, ки аз падару модар кӯдак мегирад, як умр дар хислаташ мемонад. Ин тарбия бояд дар кӯдакистон идома ёбад. Бояд дар кӯдакистон ҳам мутахассисони нағз кор кунанд. Ва ин раванд баъдан дар мактабу донишгоҳ идома ёбад. Агар дар ин масир, яъне аз хонавода то донишгоҳ андаке эҳтиёт накунем, фарзандон аз роҳ мебароянд. Муҳит ҳам нақши калидӣ мебозад. Барои ҳамин масъалаи сотсиализатсияи таълим ба вуҷуд омадааст, яъне иҷтимоъ шудани таълим. Кӯдак бояд иҷтимоъ бошад, фаъол бошад, дар вақти таълим, дар вақти кораш ҳам. Дар кунҷак нашинад, фаъол бошад. Ӯ худашро узви комилҳуқуқи ҷомеа эҳсос намояд.

Банда дар ин хусус чандин китобу мақола навиштаам. Дар ин авохир китобе навиштам, ки “Педагогикаи Шарқ” ном дорад ва дар он ҳам дар ин маврид суҳбат мешавад.

**- “Педагогикаи Шарқ” чӣ китобе аст?**

- Аз давроне, ки дар Омӯзишгоҳи педагогӣ ва баъдан дар Донишгоҳи омӯзгорӣ таҳсил кардам, мехондем, ки педагогика аз Ғарб сар мешавад. Дар ягон ҷо педагогикаи Шарқ набуд. Фикр кардам, ки агар таърихи мо, фарз кардем аз Саразм оғоз шавад, яъне мо тамаддуни 5500-сола дорем. Ва беҳуда нест, ки дар Ғарб “Восточный мудрост” мегӯянд. Агар хиради Шарқ бошад, пас педагогикааш куҷост? Ҳамин аст, ки ин мавзӯро таҳқиқ карда, китобе навиштам таҳти унвони “Педагогикаи Шарқ”. Ин китоб чоп шудааст, вале ҳоло худам онро надидаам.

**- Педагогикаи Шарқ аз Ғарб чӣ фарқ дорад?**

- Ин савол ҳам посухи муфассал мехоҳад, ки мо дар ин суҳбат чунин имкон надорем. Кӯтоҳ бигӯям, хусусияти асосии педагогикаи Шарқ ахлоқ аст. Он аз шири поки модар оғоз мешавад. Мардуми Шарқ, махсусан хонумҳо ба нӯшокиҳои спиртӣ ва маводҳои заҳролуд майл надоранд. Дар Ғарб чунин нест. Ҳамчунин, дар Ғарб матале ҳаст, ки инсон то зиндонро аз сар нагузаронад ва ё аскариро нагузарад, инсони комил намешавад. Ин маънои онро дорад, ки инсон аз падару модар тарбияи зарурӣ намегирад, яъне ҷомеа ӯро тарбия мекунад. Дар Шарқ чунин нест. Дар Шарқ ҳамеша ба ахлоқи нек такя мешавад ва ин нишонаи ҳусну камолоти инсон аст. Барои ҳамин панду андарзгӯӣ дар адабиёти мо рушд кардааст. Мо инро дар эҷодиёти устод Рӯдакӣ, аз ӯ пештар дар Бузургмеҳр - вазири донишманди Анӯшервони Одил мушоҳида мекунем...

**- Бубинед, шумо дар бораи аҳамияти педагогикаи Шарқ суҳбат мекунед. Вале ҷомеаи мо натанҳо ба панду андарз ва хиради Шарқ беtаваҷҷуҳ шудааст, балки нисбат ба забони модарӣ ҳам хунукназарӣ мекунанд. Волидайн талош мекунанд кӯдаконашон бештар дар мактабҳои русӣ таҳсил кунанд...**

- Шуморо фаҳмидам. Мо қобилияти кӯдакро ҳанӯз дарк накардаем. Кӯдак дар муҳити дузабона ва ҳатто сезабона ҳам метавонад савод омӯзад, дар сурате ки дуруст таълим дода шавад. Таҳсил дар мактаби русӣ ва инглисӣ бад нест. Вале эҳтиёт бояд кард, ки кӯдак дар тарбия ва одати русӣ ғӯтида наравад. Тоҷик боқӣ монад. Ман ба наздикӣ дар як ҷаласа гуфтам, ки эҳтиёт кунед, ки кӯдакро вақте ба кӯдакистон медиҳед, муҳаббати модариро фаромӯш накунад ва муҳаббати модариатонро ба фарзандатон бо забони модарӣ баён кунед. Ин бисёр муҳим аст.

(Давомаш дар саҳ. 14)

# ВАҚТЕ КИ ҲАҚИҚАТ ТИР ХӮРД

**(Аввалаш дар шумораҳои гузашта)**

## ПАЁМИ ТАҚДИР

*Мазори Шариф. Соли 1975.*

Муродуллоҳ пас аз анҷоми кор роҳи бозори китобфурӯширо пеш гирифт. Ҳангоми гузаштан аз назди Масҷиди Кабуд, назараш ба пирамарде афтод, ки китобҳои зиёд пеши рӯяш пахн карда буд. Ӯ маълумот гирифта буд, ки Вазири геологияи СССР Евгений Александрович Козловский ба Кобул ташриф меорад. Ба ин хотир, мехост харитаи канданиҳои фоиданоки Афғонистонро дастрас кунад. Чанд муддате буд, ки онро мекофт. Ҳангоми суҳбат бо китобфурӯш нигоҳаш ба китоби фарсудае бархӯрд, ки ҷилди он кӯҳна ва коғазҳояш зардшуда буданд. Онро бардошт, «Капитал»-и Карл Маркс бо забони форсӣ буд.

- Ин китоб аз куҷост?,- пурсид ӯ.

- Аз як муаллим, ки ба Эрон рафт. Китобҳояшро ба ман дод ва гуфт: «Шояд ба дарди касе хӯранд».

Муродуллоҳ китобро варақгардон кард. Дар саҳифаи аввал ҷумлае бо қалами сабз навишта шуда буд: **«Агар дунёро нафаҳмӣ, онро дигар карда наметавонӣ».**

Муродуллоҳ китобро харид ва ба утоқи кораш баргашт. Он шаб дергоҳ дар ҷойи кор монд. Лампаи заиф рӯи саҳифаҳо нур меафканд. Китобро мехонд ва ба саволҳо: Чаро меҳнат қадр надорад? Чаро одамони заҳматкаш ҳамеша дар норасоӣ умр ба сар мебаранд?... посух меҷуст.

Тарҷумаи форсии китоб нисбат ба матни русӣ барояш фаҳмотар буд. Забонаш шево, истилоҳоташ шинос. Он чӣ дар матн гуфта мешуд, ба воқеиятҳои ҳаррӯзаи зиндагӣ хеле наздик буд - ҳамон чизҳое, ки ӯ дар миёни коргарон, муҳандисон ва бозор медид.

Он китоб тасодуфӣ ба дасти ӯ наафтод. Гӯё паёме буд аз тақдир.

Он шаб хоб аз дидаи Муродуллоҳ парида буд. Китоби «Капитал»-ро рӯи миз гузошта, ҳиҷҷа карда, мехонд. Гоҳе механдид, гоҳе ба андеша фурӯ мерафт. Чӣ қадар чизҳое, ки то имрӯз ба назараш оддӣ мерасиданд, акнун шакли дигар мегирифтанд. Ӯ дар ҳар саҳифаи китоб чизе меёфт, ки мисли ойина воқеиятро нишон медод.

Ҳар банди китоб - арзиши меҳнат, суди сармоядор, фурӯши неруи кор на фақат назария буданд, балки айнан дар зиндагии ҳаррӯзааш ҷой доштанд. Ӯ пеши назар овард, ки чӣ тавр коргарон дар гармои тоқатфарсо хаставу хомӯш меҳнат мекарданд, вале дар анҷоми моҳ музди ночиз мегирифтанд. Ё чӣ тавр баъзеҳо бе меҳнат сарват меандӯхтанд. Ҳамаи инро дида буд, эҳсос карда буд, вале то ҳол барои фаҳми равшани онҳо забони баён наёфта буд. Акнун ин китоб, бо забони худӣ ва калимаҳои шинос, ба саволҳояш ҷавоб медод.



Муродуллоҳ дарк кард, ки «Капитал» фақат китобе дар бораи иқтисод нест, он китобест дар бораи одамон, дар бораи набарди ноаёни онҳо барои зиндагии беҳтар ва дар бораи низоме, ки ҳар кӣ тавонотар аст, бештар мегирад.

Барояш равшан шуд: барои он ки зиндагӣ тағйир ёбад, аввал бояд фаҳмид, ки чаро чунин аст. Ва мутолиаи ин китоб ӯро ба роҳи нав бурд - роҳи андеша, роҳи ҷустуҷӯи ҳақиқат ва роҳи дидани ҷаҳони кору заҳмат бо чашми дигар.

Аз ҳамон шаб, китобро ҳамеша дар канораш нигоҳ медошт. На ҳамчун ёдгорӣ, балки ҳамчун як дӯсти хомӯш, ки ҳар гоҳ лозим ояд, метавон ба он муроҷиат кард ва посухи дуруст ёфт.

Пас аз чанд рӯз андешае ба сараш омад ва ӯ ба устодаш Ҳабиб Аҳрорӣ нома навишт.

## НОМА БА ҲАБИБ АҲРОРӢ

*Устоди гиромиқадр Ҳабиб Аҳрорӣ!*

*Чанде пеш дар бозори кӯҳнаи китоб, дар Мазори Шариф, нусхаи форсии «Капитал»-и Карл Маркс ба дастам афтод. Китоб фарсудаву ҷилдкӯҳна, вале муҳтавояш мисли чашмае равшан ва тоза аст. Онро шабҳо то субҳ мехондам ва ҳар ҷумла ба қалби ман роҳ меёфт, на ба хотири ғояҳои сиёсӣ, балки аз он рӯ, ки дар зери суханони иқтисодӣ як ҳақиқати зиндагии мардумро эҳсос кардам.*

*Забони ин тарҷума равон аст, пур аз калимаҳои шинос ва рӯҳи гуфтугӯ бо мардум дорад, чизе ки ман дар тарҷумаҳои русии он надида будам. Бовар дорам, ки агар ин китоб ба мардуми мо бо забони худии кириллӣ бирасад, метавонад як дунёи андешаи нав ба бор оварад.*

*Ба ҳамин хотир, бо эҳтироми бузург ба Шумо муроҷиат мекунам:*

*Меҳоҳам бо кумак ва маслиҳати Шумо нусхаи форсии «Капитал»-ро ба хати кириллӣ баргардонам. Бо сабки равон, содда ва қобили дарк барои хонандаи тоҷик. На барои муборизаҳои идеологӣ, балки барои равшан кардани фикр ва фаҳми иҷтимоии насли мо.*

*Аммо як масъала ҳаст, ки мехоҳам бо эҳтиёт ва маслиҳати Шумо баррасӣ шавад. Шумо хуб медонед, ки дар Маскав ҳанӯз ба ҳаргуна талош барои наздиксозии тоҷикони Афғонистон, Осиёи Марказӣ ва Эрон бо чашми дигар менигаранд. Онҳо аз ваҳдати фикрии ин се ҷиноҳи як миллат эҳсоси нороҳатӣ мекунанд. Аз ин рӯ, мо бояд дар ин кор каме бо эҳтиёт амал намоем.*

*Масъалаи дигаре, ки аҳамияти хос дорад, забон аст. Мақсади мо танҳо тарҷумаи зоҳирии матн нест, балки ҷустуҷӯи забоне аст, ки барои хонандаи тоҷик шевову фаҳмо бошад, дар айни замон рӯҳи ориёна ва фарҳангии матнро ҳам нигоҳ дорад. Дар ин роҳ махз Шумо - устоди варзидаи тарҷума ва мутахассиси забон - метавонед барои ман раҳнамои воқеӣ бошед. Бо эҳтиром ва чашм ба роҳи маслиҳат, шогирди шумо,*

*Муродуллоҳ Шералиев,*
*Мазори Шариф,*
*соли 1975*

## ЧАРОҒИ ҲИДОЯТ

Дар таърихи зиндагии шахсиятҳои андешаманд лаҳзаҳое ҳастанд, ки на ҳамчун рӯйдоди бузурги сиёсӣ, балки чун як гардиши ботинӣ, як бедории ором, вале амиқ дар зеҳн нақш мебанданд. Барои Муродуллоҳ Шерализода чунин лаҳза ҳамон субҳи хомӯши Мазори Шариф дар соли 1975 буд, вақте ки нусхаи фарсудаи тарҷумаи форсии «Капитал»-и Карл Маркс ба дасташ афтод.

Аз ҳамон рӯз, «Капитал» барои ӯ фақат китоби сиёсӣ ё назариявӣ набуд. Он ба як мактаб табдил ёфт - мактаби тафаккур, мактаби фаҳмиши ҷомеа, мактаби эҳсоси масъулият дар баробари тақдири мардум. Забони форсии равон, бо шеваи гуфтугӯйӣ ва образҳои фаҳмо, китоби душвори иқтисодиро ба як суҳбати рӯ ба рӯ бо хонанда табдил медод. Ҳар ҷумла барои ӯ на танҳо назария, балки таҷассуми воқеияти корхона, бозор, саҳни сохтмон ва гуфтугӯ бо коргар буд.

Ҳарчанд Муродуллоҳ талош кард, ки ин тарҷумаро ба хати кириллӣ баргардонад, то ба хонандаи тоҷикзабони Осиёи Марказӣ наздиктар шавад ва бо ин амали худ пули фарҳангии наве байни тоҷику форс бино кунад, сарнавишти ин тарҷума номаълум монд. Посухи Ҳабиб Аҳрорӣ ҳам чӣ гуна буд, то имрӯз маълум нест.

Шояд хомӯшии устод ангезаҳои сиёсӣ дошт. Шояд эҳсоси эҳтиёт дар муқобили Маскав ва сиёсати боздорандаи он аз наздикшавии тоҷикони ду соҳил сабаби он шуд. Дар он айём ҳар гуна кӯшише барои ҳамзабонӣ ва ҳамтафаккурӣ байни тоҷикони Афғонистону Осиёи Марказӣ, ҳатто агар сирф илмӣ ҳам мебуд, ба чашми шубҳа дида мешуд.

Аммо муҳим он аст, ки ин ният, ин ормон, ки аз як китоби фарсудаи бозори кӯҳнафурушии Мазори Шариф оғоз шуд, дар рӯзгори минбаъдаи Муродуллоҳ Шерализода ба таври возеҳ ҳузур дошт. Таҳқиқотҳои ӯ дар соҳаи идеология, маводи илмӣ-оммавияш дар рӯзномаҳо, гуфтугӯҳояш бо донишҷӯёну муҳандисон, ҳама гувоҳи он буданд, ки "Капитал" дар ҳаёти ӯ як рӯйдоди рӯҳӣ буд, на танҳо китобе дар рафи китобхона.

Ин оғоз буд иқдомеро, ки шояд ба анҷом нарасид, аммо тафаккурро кушод. Ва шояд махз ҳамин кофист, ки дар миёни манфиатҳо, таблиғот ва идеологияҳои фиребанда, дар торикии замони шоҳигарӣ дар Мазори Шарифи Афғонистон ва махдудсозии манфиатҳои миллӣ дар даврони шӯравӣ, як нафар чароғе афрӯхт, ки рӯзе метавонад роҳи насли ояндаи тоҷиконро ба сӯйи бедорӣ ва шуури миллӣ равшан созад.

## САДОИ БЕДОРӢ

**вақте сиёсат чеҳраи аслии худро нишон дод**

*Соли 1976. Шаҳри Кобул.*

Вазири геологияи СССР Козловский Евгений Александрович ба Афғонистон ташриф овард. Ӯ на танҳо мутахассиси баландпоя, балки яке аз чеҳраҳои асосии пешбарандаи сиёсати захираҳои табиии Иттиҳоди Шӯравӣ дониста мешуд. Мақсади эълоншудаи сафари ӯ таҳкими ҳамкорӣ бо мутахассисони афғон дар соҳаи геология буд.

Вале Муродуллоҳ Шерализода, ки кор дар соҳаи нафту гази Афғонистон, тарҷумаи ҳисоботу ахбороти иқтисодию сиёсӣ, омӯзиши сарчашмаҳо чун "Капитал" ӯро пухта карда буд, мақсади аслиро хуб медонист. Ӯ шоҳиди ҳар ду рӯи воқеа, суханони расмӣ ва нияти пинҳонӣ буд.

Дар ҷаласаи умумӣ, ки бо ҳузури ҷониби Афғонистон баргузор шуд, суханон зебо ва умедбахш буданд. Ҳама аз дӯстӣ, ҳамкорӣ ва рушди муштарак сухан гуфтанд.

Аммо ҷаласаи дуюм, ки дар доираи маҳдуд танҳо барои мутахассисони шӯравӣ баргузор гардид, чеҳраи воқеии сиёсати геологии Иттиҳоди Шӯравиро нишон дод.

Козловский ором, қатъӣ ва бидуни истиҳола гуфт: "Захираҳои зеризаминии СССР бояд барои наслҳои оянда нигоҳ дошта шаванд. Мо ҳақ надорем сарвати худро барҳадар диҳем. Аммо захираҳои кишварҳои дигар бояд пурра ва оқилона ба нафъи мо истифода шаванд. Афғонистон имкони нодирест. Бояд онро аз даст надиҳем".

Ин суханон бо забони содда гуфта шуданд, вале маънаашон амиқ ва ҳадафмандона буд. Муродуллоҳ онҳоро шунид ва хомӯш монд. Аммо дар зеҳнаш саволе бедор шуд: "Бо мо ҳам чунин мекунанд? Агар мо худ ба фикри сарвати миллии хеш набошем, пас кӣ хоҳад буд? Агар мо онро ҳифз накунем, кӣ ба хотири наслҳои оянда онро нигоҳ хоҳад дошт?".

Он шаб хоб аз чашмонаш парид. Ҳақиқате талх рӯшан шуд: он чӣ дар Кобул дид, метавонад рӯзе ба сари Тоҷикистон низ ояд. Агар мо бедор набошем, чашмони бегонагон ҳамеша ба дороии мо дӯхта хоҳад монд.

Ӯ фаҳмид: сарват танҳо маъдану замин нест - сарват дониш аст, шуур аст, огоҳии таърихӣ ва эҳсоси масъулият нисбат ба сарнавишти миллат.

**(Давом дорад)**
**Шариф ҲАМДАМПУР**

## САРМОЯГУЗОРӢ

**20-уми майи соли равон дар шаҳри Душанбе Форуми соҳибкорию сармоягузории Тоҷикистону Арабистони Саудӣ баргузор шуд. Дар он намояндагони воломақоми давлатӣ ва доираҳои соҳибкорию сармоягузории ҳар ду кишвар ширкат варзиданд.**



# ШАРИКИ НАВИ ИҚТИСОДӢ

## Соҳибкорони Арабистони Саудӣ дар Душанбе





### ҚАДАМИ УСТУВОР ДАР ҶАЛБИ САРМОЯ

Тайи солҳои охир иқтисоди Тоҷикистон дар ҳоли ислоҳоти сохторӣ ва ҷалби сармояи хориҷӣ аст. Зеро Тоҷикистон кишварест, ки барои сармоягузорон ҷолиб ва манфиатовар аст. Таваҷҷуҳ ба захираҳои молиявӣ ва рушди инфрасохтор, энергетика, коркарди ашёи хом, технологияи муосир дорад. Дар ин замина, баргузории форумҳои байналмилалӣ имкон фароҳам меоранд, ки захираҳои мавҷуда муаррифӣ гарданд, робитаҳои мустаҳкам бо сармоягузорони нав баркарор шаванд. Аз ин ҷиҳат Форуми соҳибкорию сармоягузории Тоҷикистон ва Арабистони Саудӣ як платформаи муҳими муаррифӣ ва музокирот буд. Иштироки фаъолонаи намояндагони палатаҳои тиҷоратии Арабистони Саудӣ ва доираҳои тиҷоратии Тоҷикистон нишон медиҳад, ки ҷонибҳо ба ҳамкории судманду дарозмуддат нигаронида шудаанд.

Султон Раҳимзода, раиси Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Тоҷикистон баргузории форуми мазкурро қадами устувор дар самти ҷалби сармояи Саудӣ ба иқтисоди Тоҷикистон маънидод кард. Зеро Тоҷикистон дар минтақаи Осиёи Марказӣ дорои захираҳои бойи обию энергетикӣ, маъданҳои зеризаминӣ ва сайёҳӣ мебошад. Ҳамзамон, дар ин форум доираҳои соҳибкории Тоҷикистону Арабистони Саудӣ ба истифодаи босамари имконоти сармоягузории ҷумҳурӣ ва дарёфти роҳҳои нави ҳамкорӣ дар самти ташкили корхонаҳои муштарак даъват шуданд.

Президенти Федератсияи палатаҳои тиҷоратии Арабистони Саудӣ Ҳасан Ал-Хувайзӣ иброз дошт, ки робитаҳои самараноки доираҳои соҳибкорию сармоягузории Тоҷикистон ва Арабистони Саудӣ бо назардошти зарфияту имконоти мавҷуда метавонанд барои пешбурди тарҳҳои иқтисодӣ ва сармоягузорӣ байни ду давлат заминаи устувор гузоранд.

### ДАЛЕЛ БАРОИ ҲАМКОРӢ

Дар натиҷаи ин форум имзои чанд санади ҳамкорӣ дар шакли B2B байни ширкатҳои ду кишвар сурат гирифт. Таъсиси фондҳои муштараки сармоягузорӣ, иштироки бонкҳои Саудӣ дар лоиҳаҳои Тоҷикистон низ баррасӣ шуданд. Ин ҳама имкон медиҳанд, ки дар солҳои наздик ба татбиқи лоиҳаҳои мушаххас ва таъсиси ҷойҳои нави корӣ замина гузошта шавад.

Ба андешаи таҳлилгарони масоили иқтисодӣ, Форуми соҳибкорию сармоягузории Тоҷикистону Арабистони Саудӣ ба таҳкими ҳамкорӣ миёни ду кишвар аст. Зеро Тоҷикистон дорои захираҳои табиӣ, аз қабили оби ширин, потенсиали бузурги гидроэнергетикӣ, канданиҳои фоиданоки гуногун ва имкониятҳои сайёҳӣ мебошад.

Арабистони Саудӣ бошад, яке аз кишварҳои сарватманд ва таъсиргузор дар минтақаи Ховари Миёна аст. Ҳамчунин, ин кишвар дар ҷустуҷӯи сармоягузорӣ ба кишварҳои иқтисодашон рӯ ба рушд қарор дорад. Бинобар ин, сармоягузории Саудӣ барои Тоҷикистон метавонад дар бахшҳои энергияи "сабз", туризм, кишоварзӣ, саноати коркард аҳамияти хос дошта бошад. Махсусан, рушди инфрасохтори меҳмонхонаҳо, осоишгоҳҳо ва минтақаҳои истироҳатӣ хеле муҳиманд.

Бо идомаи чунин ташаббусҳо, яъне баргузории форумҳо Тоҷикистон метавонад ба яке аз марказҳои ҷалби сармоягузории ҷаҳонӣ дар минтақа табдил ёбад.

**Усмон РАҲИМЗОДА**

## ЭНЕРГЕТИКА

# НЕРУГОҲИ «СЕБЗОР» ОМОДАИ ИФТИТОҲ АСТ

**Моҳи июни соли равон чархаи аввали неругоҳи “Себзор” бо иқтидори 3,6 МВт ба истифода дода мешавад.**

Дар ин бора зимни боздиди вазири энергетикаи Тоҷикистон Далер Ҷумъа аз неругоҳ хабар дода шуд. Зикр гардид, ки 85%-и корҳои сохтмонӣ дар иншоот анҷом ёфтаанд. Неругоҳи “Себзор” бо иқтидори 11 МВт дар дарёи Шоҳдараи ноҳияи Роштқалъа сохта шуда истодааст. Он иқтидори умумии энергетикии ВМКБ-ро 25% зиёд мекунад. Ҳамчунин, неругоҳ барои рушди саноатикунонӣ дар минтақа мусоидат менамояд.



## МАЪРИФАТИ МОЛИЯВӢ

# РОҲҲОИ САРФАҶӮӢ ДАР ОИЛА

**Дар шароити имрӯз, ки нархҳо рӯз ба рӯз боло мераванд, сарфаҷӯӣ барои оила муҳим аст. Сарфаҷӯӣ на танҳо барои кам кардани хароҷот, балки қадами муҳим ба зиндагии шоиста ваояндаи дурахшони худу фарзандон мебошад. Чанд роҳи оддӣ, вале самараноки сарфаҷӯӣ барои идора кардани маблағ вуҷуд дорад.**

### БУҶАИ МОҲОНА

Яке аз қадамҳои аввалини сарфаҷӯӣ тахияи буҷаи воқеӣ барои ҳар моҳ аст. Барои ин лозим аст, ки тамоми манбаъҳои даромад ва хароҷот ба таври мушаххас рӯйхат карда шаванд. Даромад бояд пеш аз ҳама ба эҳтиёҷоти аввалиндараҷа - хӯроквории, манзил, нигоҳубини саломатии худу дигарон равона карда шавад. Хароҷоти дуюмдараҷа ва беасос, ба мисли хариди чизҳои нозарур ё гаронбаҳо бояд маҳдуд карда шавад.

### ИСТИФОДАИ САМАРАНОК

Бисёре аз мо баъзан қувваи барқ ва обро беҳуда истифода мебарем. Чанд қадами оддӣ метавонад ба кам шудани ҳисоби моҳона кумак кунад. Якум, асбобҳои барқиро пас аз истифода хомӯш кунед. Дуюм, аз лампаҳои каммасраф истифода баред. Сеюм, ҳангоми шустани зарфҳо ё корҳои рӯзмарра, обро мақсаднок истифода кунед. Чорум, дар фаслҳои гарм аз рӯшноии табиӣ бештар истифода баред. Яъне, барқро ҳам ба мақсад мувофиқ истифода намоед.

### АЗ ФАРОҒАТ ТО ХАРИД БО НАҚША

Пеш аз ҳар гуна харид, махсусан хӯрокворӣ, рӯйхати пешакӣ тартиб диҳед. Ин ба шумо кумак мекунад, ки танҳо чизҳои заруриро харидорӣ намоед. Аз хариди беэҳтиёҷ худдорӣ кунед. Ҳамчунин, нархҳоро дар бозору мағозаҳои гуногун муқоиса намоед. Аз тахфиф ва аксияҳо ҳам истифода баред. Ба ҷои хӯроки зудтайёр ва гарон, хӯроки хонагӣ тайёр кунед. Ин ҳам арзон ва ҳам муфидтар аст.

Ба ҷойи тарабхона ва қаҳвахона рафтан, бо наздикон дар боғ, хона ё табиати зебо ҷамъ шавед. Китобхонӣ, варзиш, бозӣ бо кӯдакон ё сайругашт на танҳо арзон, балки фоидаовар аст.

Аксар вақт ашёҳои кӯҳна - хоҳ либос бошад, хоҳ асбоби рӯзгор, бо андак таъмир боз истифода бурда мешаванд. Ба ҷойи хариди ашёи нав, кӯшиш кунед, ки ашёи кӯҳнаро таъмир намоеду истифода баред. Ин амал хароҷотро кам мекунад.

### ПАСАНДОЗ

Ҳар моҳ, ҳатто маблағи андак бошад ҳам, барои пасандоз пул ҷудо кунед. Ин маблағ метавонад дар ҳолатҳои ниҳоят зарур, аз ҷумла беморӣ, таъмири манзил, таҳсили фарзандон истифода шавад. Агар имкон бошад, пасандозро дар бонк нигоҳ доред. Зеро, агар пул дар хона бошад, шояд онро безарурат ҳам истифода кунед.

Дар маҷмуъ, сарфаҷӯӣ - ин сармоягузорӣ барои ояндаи худ аст.

# ТАМҒАИ ПИСАНДИДАИ ТОҶИКИСТОН-2025

**Шоми 16-уми май меҳмонхонаи Hyatt Regency намуди бошукӯҳи идона дошт. Намояндагони Ҳукумати шаҳри Душанбе, кормандони масъули вазорату идораҳои давлатию ғайридавлатӣ, соҳибкорон, чеҳраҳои шинохтаи фарҳангу ҳунари кишвар ва дигар меҳмонони оliқадр ҷамъ омада буданд, то бо ғолибони лоиҳаи машҳур ва овозадори “Тамғаи писандидаи Тоҷикистон-2025“ шинос шаванд.**

Чорабиниро бо сухани муқаддимавӣ Директори ширкати “Тайрон” Шаҳноза Ҳамдамова ифтитоҳ намуда, аз ҷумла чунин гуфт: “Лоиҳаи “Тамғаи писандидаи Тоҷикистон” дар партави сиёсати иқтисодии Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо дастгирии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ мегардад. Ҳадафи лоиҳа дастгирии ширкатҳои ватанӣ, тарғиби молу маҳсулоти онҳо дар дохил ва хориҷи кишвар аст. Ин лоиҳаи муҳими миллӣ аз ҷониби ширкати «Тайрон» дар якҷоягӣ бо Вазорати саноат ва технологияҳои нав ва Палатаи савдо ва саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон соли ёздаҳум баргузор гардид. Имсол дар лоиҳа 32 ширкату корхонаҳои хурду бузурги кишварамон иштирок намуда, молу маҳсулот ва хизматрасониҳои худро ба мардум пешкаш карданд. Бо мақсади тарғиби ширкатҳо ва маҳсулоти ватанӣ маъракаи васеъи иттилоотӣ ба роҳ монда шуда, лоиҳаи “Тамғаи писандидаи Тоҷикистон-2025” тавассути телевизион, радио, рӯзномаю маҷаллаҳо ва шабакаҳои иҷтимоӣ, ҳам дар формати онлайн ва ҳам офлайн тарғиб гардид. Маъракаи иттилоотӣ беш аз 3 миллион нафарро фаро гирифта, дар сомонаи lmarka.tj беш аз 54 000 шаҳрвандони Тоҷикистон ба ҷонибдории ширкатҳо ва маҳсулоти дӯстдоштаи худ овоз доданд. Ғолибоне, ки имрӯз дар ин толор номашон садо медиҳад, сазовори эътирофи мардум гаштаанд”.

Дар фарҷом директори ширкати “Тайрон” бону Шаҳноза Ҳамдамова барои ҳамкорӣ дар баргузории лоиҳаи “Тамғаи писандидаи Тоҷикистон-2025” ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, ба Вазорати саноат ва технологияҳои нави Тоҷикистон, ба Палатаи савдо ва саноати Тоҷикистон, ба шарики расмӣ ва рақамии лоиҳа - ҶДММ “Индиго Тоҷикистон” таҳти тамғаи “Tcell”, ба шарикони иттилоотӣ - Телевизиони Сафина, Ширкати телевизион ва радиошунавонии “Ватан”, радиои “Ҳамсадо”, Радиои “Имрӯз”, оҷонсии таблиғотии Арипо визион, сомонаҳои Oila.tj, Pressa.tj ва тамоми иштирокчиёни лоиҳа изҳори миннатдорӣ намуд.

Дар чорабинӣ муовини Раиси шаҳри Душанбе Абдураҳмонзода Абдураҳмон Сафаралӣ, муовини вазири саноат ва технологияҳои нави Ҷумҳурии Тоҷикистон Сафарзода Бахтиёр Хайрулло, муовини аввали раиси Палатаи савдо ва саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон Анваров Насимҷон Наимович, муовини раиси Агентии “Тоҷикстандарт” Малоҳат Рустамзода ва номяндагони дигар вазорату идораҳо иштирок карда, ҷоизаҳоро ба ғолибон супориданд ва назари худро оид ба лоиҳаи “Тамғаи писандидаи Тоҷикистон-2025” ва нақши он дар муаррифии молу маҳсулоти ватанӣ баён намуданд.

Аз ҷумла, Сафарзода Бахтиёр Хайрулло, муовини вазири саноат ва технологияҳои нави Тоҷикистон зимни суханронии хеш аз Намоиш-фурӯши молу маҳсулоти ватанӣ, ки дар доираи лоиҳаи “Тамғаи писандидаи Тоҷикистон-2025” рӯзҳои 15, 16 ва 17-уми май дар Кохи Борбад баргузор гашт, ёдовар шуда, гуфт: “Шиносоӣ бо маҳсулоти пешниҳодкардаи иштирокчиёни лоиҳаи “Тамғаи писандидаи Тоҷикистон-2025” бори дигар собит намуд, ки сифати маҳсулоти ватанӣ сол то сол беҳтар гашта, молу маҳсулоте, ки имрӯз ширкатҳои мо истеҳсол мекунанд, бо маҳсулоте, ки аз хориҷи кишвар ворид мегардад, рақобатпазир гаштааст. Ин аз пешравии саноат дар ҷумҳурӣ дарак медиҳад ва мо бо сари баланд аз уҳдаи саноатикунонии мамлакат дар муҳлати муқарраршуда баромада метавонем”.

Дар маҳфил ҳамчунин ҳунармандони шинохтаи тоҷик Хуҷастаи Мирзовалӣ, Нилуфари Сарбоз, Осиябону ва гулдухтарони ансамбли рақсии ”Падида” иштирок намуда, бо таронаҳои дилнавоз ва рақсҳои мавзуну дилчаспи хеш хотири меҳмонон ва ғолибонро шод намуданд.

**Маҳфил пуршукӯҳ гузашта, ҷоизаи “Тамғаи писандидаи Тоҷикистон-2025” насиби ин ширкатҳо гашт:**




**Ҷоизаи “Тамғаи писандидаи Тоҷикистон-2025” дар номинатсияи “Сазовори боварӣ” насиби Ҷамъияти дорои маъсулияташ маҳдуди “Фабрикаи қаннодии Амирӣ” гашт.**

“Амирӣ” яке аз корхонаҳои бузурги кишварамон маҳсуб ёфта, дар бозори маҳсулоти қаннодӣ ҳамеша пешсаф мебошад. Корхона дар як сол зиёда аз 27 ҳазор тонна маҳсулоти хушсифати қаннодӣ истеҳсол мекунад. “Амирӣ” - рамзи ҳаёти ширин ва сазовори интихоби мардум аст.



**Ҷоизаи “Тамғаи писандидаи Тоҷикистон-2025” дар номинатсияи “Муҳаррики тараққиёт” насиби Ҷамъияти дорои маъсулияти маҳдуди «Network Solutions» (NETS) гашт.**

NETS паҳнкунандаи интернет ва таъминкунандаи системаҳои телекоммуникатсионӣ буда, дар қатори ширкатҳои камшуморест, ки дар қаламрави Тоҷикистон шабакаи фаромарзии заминӣ доранд, ки имкони транзити каналҳои алоқаро фароҳам меорад. NETS сайъ менамояд, ки экосистемаи хизматрасонии рақамӣ, аз ҷумла IP- телевизион, таҳсилоти онлайн-экспортро васеъ намуда, хидматрасонии муосирро дар манотиқи дурдасти кишвар низ дастрас намояд.




**Ҷоизаи “Тамғаи писандидаи Тоҷикистон-2025” дар номинатсияи “Ғамхорӣ дар ҳаққи фардо” насиби Ширкати лоиҳакашиву сохтмонии “Манораи Беҳрӯз” гашт.**

“Манораи Беҳрӯз” таҳиякунандаи лоиҳаҳои сохтмони манзилии “Seven Towers” ва “Norak Rover” буда, бо шарофати технологияҳои муосири сохтмон, масолеҳи баландсифат ва мутахассисони олидараҷа дар фаҳмиши “манзили бароҳат” тағйироти куллӣ ворид намудааст. Ин маҷмаъҳои хонаҳои интеллектуалӣ бо тарҳи замонавии меъморӣ фарқ карда, дар онҳо шароити беҳтарини зист фароҳам оварда шудаанд ва дар ҳолати набудани барқ лифтҳо аз кор намебароянд.




**Ҷоизаи “Тамғаи писандидаи Тоҷикистон-2025” дар номинатсияи “Интихоби оилавӣ” насиби Ҷамъияти саҳомии пӯшидаи “Шири Душанбе” гашт.**

“Шири Душанбе” яке аз корхонаҳои собиқадори соҳаи маҳсулоти ширӣ буда, хоҷагии шахсии зотпарварӣ дорад. Корхона бо тамоми технологияҳои муосир муҷаҳҳаз гардонида шудааст ва зиёда аз 80 навъ маҳсулоти ширии табииро бо сифати баланд пешкаши мизоҷони сершумораш мегардонад.



**Ҷоизаи “Тамғаи писандидаи Тоҷикистон-2025” дар номинатсияи “Назар ба оянда” насиби ҶДММ "Ташкилоти суғуртавии Меҳнат" гашт.**

Ҷамъияти дорои масъулияташ маҳдуди “Меҳнат” зиёда аз 22 сол мешавад, ки ҳамчун ширкати суғуртавӣ фаъолият менамояд. Ширкати “Меҳнат” 23 намуди хизматрасонии суғуртавиро ба роҳ монда, сазовории боварии беш аз 10 ҳазор шаҳрванд ва 100 ташкилот гардидааст.




**Ҷоизаи “Тамғаи писандидаи Тоҷикистон-2025” дар номинатсияи “Эҳтиром ва эътимод” насиби Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди «Акиа Авесто Автоматив Индастри» гашт.**

Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди «Акиа Авесто Автоматив Индастри» ҳамчун ширкати муштараки Тоҷикистону Туркия фаъолияти худро моҳи январи соли 2018 оғоз намуда, то ба имрӯз 410 адад автобусҳои дохилишаҳрӣ, аз ҷумла 300 адад бо дарозии 12 метр, 100 адад бо дарозии 8 метр ва 10 адад автобусҳои дуошёнаро банду баст намуда, ба корхонаҳои нақлиётии шаҳри Душанбе интиқол дод, ки имрӯзҳо шаҳрро ҳусни дигар бахшида, кору фаъолият доранд.



**Ҷоизаи “Тамғаи писандидаи Тоҷикистон-2025” дар номинатсияи “Нуфуз ва ҳаловат” насиби ҶДММ “София Файзиева” гашт.**

Маркази саломатии “София” аз ҷумлаи клиникаҳои насли нав буда, ба маризон намудҳои гуногуни хизматрасонии босифати тиббиро дар бахши бемориҳои қалбу асаб, узвҳои ҳозима, узвҳои пешобу таносул, амрози занона ва маризиҳои пӯст бо усулҳои пешрафтаи ҷаҳонӣ пешкаш менамояд.




**Ҷоизаи “Тамғаи писандидаи Тоҷикистон-2025” дар номинатсияи “Маҳсулоти болаззат” насиби Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди “Акома” гашт.**

Корхонаи истеҳсоли маҳсулоти гӯштӣ ва ҳасибҳои «Акома» фаъолияти хешро соли 2022 оғоз намуда, дар як баст то 5 тонна маҳсулот истеҳсол менамояд. “Акома” зиёда аз 120 навъ маҳсулот - ҳасибҳои бӯғӣ, дудкардашуда, нимдудкардашуда, ҳасибчаҳо, маҳсулоти гӯштии бӯғпазу дудкардашуда ва ғайра истеҳсол мекунад. Ширкат барои пешрафти соҳа ва иҷрои ҳадафи стратегии Ҷумҳурии Тоҷикистон - амнияти озуқаворӣ саҳми калон гузошта, ба вусъати бозори дохиливу хориҷӣ мусоидат менамояд.




**Ҷоизаи “Тамғаи писандидаи Тоҷикистон-2025” дар номинатсияи “Роҳ ба сӯи муваффақият” насиби ширкати “Қолин Сервис” гашт.**

“Қолин-сервис” дар соҳаи хизматрасонии клинингӣ яке аз беҳтаринҳост. Аз соли 2018 инҷониб дар сехҳои ин ширкат қолинҳои сохт ва ҳаҷмашон гуногун, матрас, курпаву курпача, болишту рӯйпӯшҳои ғафсу тунук ва ҳатто мебели мулоим аз рӯи технологияҳои муосир ва бо истифода аз таҷҳизоту маводҳои покшӯии замонавӣ ба таври касбӣ тоза карда мешаванд. “Қолин Сервис” дар ҳар хонадон фазои тозагӣ ва ҳаловатро ба миён меорад.




**Ҷоизаи “Тамғаи писандидаи Тоҷикистон-2025” дар номинатсияи “Сифати намунавӣ” насиби ширкати “Вахё Килк” гашт.**

Ширкати «Килк» корхонаи бузурги тиҷоратиест, ки ба мизоҷонаш маҳсулоти брендҳои маъруфи ҷаҳонии аз ҷиҳати сифат ва ороиш ҷолиби конселярӣ, китобҳо, бозиҳои рӯистолӣ, маводҳои кӯдаконаи томактабӣ ва мактабиро ба таври яклухту чакана дастрас менамояд.

**Ҷоизаи “Тамғаи писандидаи Тоҷикистон-2025” дар номинатсияи «Бо муҳаббат тайёршуда» насиби Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди “Дӯсти Алишер” гашт.**

“Дӯсти Алишер”. Қариб 30 сол мешавад, ки таҳти ин ном яхмосҳои хеле болаззат ва хушсифат, маҳсулоти табиӣ барои ҳама синну сол истеҳсол ва пешкаши мардум мешаванд. Ширкат аз замони таъсисаш то ба ҳол аз як дастаи хурд ба корхонаи калон табдил ёфта, алҳол 60 нафар коргар дорад. Яхмосҳои “Дӯсти Алишер” - маззаи даврони кӯдакӣ ва ифтихор аз истеҳсолкунандаи ватанист!






**Ҷоизаи “Тамғаи писандидаи Тоҷикистон-2025” дар номинатсияи “Шарики боэътимод” насиби Маркази савдои “Пайкар” гашт.**

“Пайкар” яке аз пешсафони савдои тарҳи замонавӣ буда, солҳо ба муштариён маҳсулоти хушсифати ғизоиро пешкаш менамояд. Ғамхорӣ ба мизоҷон, таваҷҷуҳ ба ҳар як ҷузъиёт дар хизматрасонӣ ва садоқатмандии беандоза нисбат ба сифат “Пайкар”-ро шарики боэътимоди ҳар як оила мегардонад. Шабакаи савдои “Пайкар” ғолиби чандинкаратаи озмуни “Тамғаи писандидаи Тоҷикистон” ва шарики боэътимод аст.




**Ҷоизаи “Тамғаи писандидаи Тоҷикистон-2025” дар номинатсияи “Дастовард дар соҳибкорӣ” насиби ҶДММ "Порсои Хуҷанд" таҳти бренди Файзи Расул гашт.**

Корхонаи мазкур соли 2015 дар доираи иҷроиши дастуру ҳидоятҳои Президенти ҶТ мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бобати таъсиси корхонаҳои коркарду истеҳсоли маҳсулоти ватанӣ таъсис дода шудааст. Дар ин ҷо зиёда аз 14 намуд маҳсулоти ширӣ истеҳсол шуда, ба харидорони шаҳру навоҳии кишварамон ва берун аз он - ҷумҳуриҳои Қирғизистону Афғонистон пешкаш мешавад. Дар коргоҳ соле зиёда аз се ҳазор тонна шир коркард мегардад.



**Ҷоизаи “Тамғаи писандидаи Тоҷикистон-2025” дар номинатсияи “Маҳсулоти табиӣ“ насиби ҶДММ “Чӯҷаи Байзо” гашт.**

Ширкати “Чӯҷаи Байзо” аз соли 2018 фаъолият намуда, дар муддати кутоҳ тавонист дар бозори гӯшти паранда мавқеи пешсафро ишғол намояд. Дар ҳар марҳилаи истеҳсолот - аз парвариши паранда то бастабандии маҳсулоти тайёр ба хурдтарин ҷузъиёт диққат дода шуда, сифати бенуқсони гӯшти мурғ таъмин карда мешавад. Ширкат дар давоми як моҳ зиёда аз 100 тонна мурғи аз ҷиҳати экологӣ тозаро истеҳсол менамояд.

# БО ШИРКАТҲОИ ҒОЛИБ ШИНОС ШАВЕД!




**Ҷоизаи “Тамғаи писандидаи Тоҷикистон-2025” дар номинатсияи “Қадам ба сӯи фардо” насиби Ҷамъияти саҳомии пӯшидаи “Индиго Тоҷикистон”, тахти тамғаи тиҷоратии TCELL гашт.**

Тселл - калонтарин оператори алоқаи Тоҷикистон буда, миллионҳо мардуми кишвар ва хориҷи онро ба ҳам мепайвандад. Ин ширкати муваффақ дорои масъулияти калони иҷтимоӣ буда, тамоми неруи худро барои рушди ҷомеа сарф менамояд. TCELL дастгири фарҳанг, варзиш ва арзишҳои оилавист.



**Ҷоизаи “Тамғаи писандидаи Тоҷикистон-2025” дар номинатсияи “Номгӯи васеъ” насиби Ширкати “Сардор-2008” гашт.**

Ширкати “Сардор-2008” зиёда аз 100 номгӯи маҳсулоти болаззатро ба муштариён пешкаш менамояд. Тӯли солҳои зиёди фаъолияташ ширкат эътимоди муштариёни бешуморро ба даст овардааст. Ҳар як номгӯи маҳсулот аз рӯи стандартҳои байналмилалии сифат истеҳсол шуда, натанҳо дар бозори дохилӣ, балки дар хориҷи кишвар, аз ҷумла Муғулистону Афғонистон низ бомуваффақият ба фурӯш меравад.



**Ҷоизаи “Тамғаи писандидаи Тоҷикистон-2025” дар номинатсияи “Солимии миллат” насиби ширкати фарматсевтии REVITAL MEDICINE бо доруворнии Актитон гашт.**

Ширкати дорупахнкунандаи “Revital medicine” аз соли 2017 инҷониб дар қаламрави Тоҷикистон фаъолият намуда, доруҳои муосир ва таъсирбахшро пешниҳод менамояд. Ҳадафи “Revital medicine” инкишоф додани самти ҳамкориҳо ва таъмину дастрасии доруҳои босифат барои ҳар як сокини Тоҷикистон мебошад. Афзалияти асосии бренди “Revital medicine” ғамхорӣ ба саломатии ҳар як сокини Тоҷикистон аст.



**Ҷоизаи “Тамғаи писандидаи Тоҷикистон-2025” дар номинатсияи “Навгонӣ дар соҳибкорӣ” насиби ҶДММ "Зира"гашт.**

“ZIRA Групп” асосан бо таъмини дастгоҳҳои касбии замонавӣ ва тахвили ғизо аз брендҳои машҳури ҷаҳонӣ машғул аст, вале чанд вақт мешавад, ки самти нави фаъолиятро бомуваффақият пеш мебарад ва ин ба амал баровардани хизматрасонии кейтерингӣ мебошад. Ин навгонӣ ба сокинони пойтахт хеле писанд омадааст ва акнун онҳо итминон доранд, ки бо ZIRA ҳар лаҳзаи ҳаёт метавонад ба лаззату ҳаловат табдил ёбад.



**Ҷоизаи “Тамғаи писандидаи Тоҷикистон-2025” дар номинатсияи “Роҳ ба сӯи камолот” насиби ҶДММ “Афзали Хуҷанд” тахти тамғаи Нисо гашт.**

“NISO» тамғаи нисбатан ҷавон аст, вале аллакай ба дили истеъмолкунандагон роҳ ёфта, дар бозори маҳсулоти озуқа ҷои худро пайдо намудааст. Зери тамғаи “NISO” равғани маска, шири тағлизшудаи ширин, яъне сгущенка, майонези 67% истеҳсол мешавад. «NISO» ягона истеҳсолкунандаи майонези хушсифат дар Тоҷикистон аст!




**Ҷоизаи “Тамғаи писандидаи Тоҷикистон-2025” дар номинатсияи “Бренди мардумӣ” насиби тамғаи “Молочная радость”-и ҶДММ “Афзали Суғд” гашт.**

Ширкати «Афзали Суғд» 25 сол мешавад, ки дар фароҳам овардани маҳсулоти хушсифати ширӣ дар рӯи дастархони мардуми кишвар саҳми намоён мегузорад. Ширкат зиёда аз 20 намуди маҳсулоти шири табииро ба харидорон пешкаш менамояд. Ширу кефир, йогурту чурғот, панирҳои гуногун, сметанаву каймок, маскаву шири пухтаи ширини ин ширкатро дар ҳама шаҳру навоҳии кишвар дилпурона харидорӣ мекунанд. “Молочная радость” бешубҳа бренди мардумист!



**Ҷоизаи “Тамғаи писандидаи Тоҷикистон-2025” дар номинатсияи “Рушди устувор” насиби тамғаи “Рамис”-и ширкати “Сатурн-1” гашт.**

Ширкати истеҳсолкунандаи маводҳои покшӯйӣ ва хокаи ҷомашӯӣ - “Сатурн-1” бо тамғаи Рамис, Day, Сапеда, Лимпопо, BLESK ва Deluxe аз гелҳои ҷомашӯӣ то ба салфеткаҳои намноки маводҳои антисептикӣ зиёда аз 70 номгӯи маҳсулот истеҳсол менамояд, ки аз рӯи сифат ва банду басташон аз моли хориҷӣ камӣ надоранд. Ширкат барои васеъ намудани истеҳсолот ва номгуи маҳсулоташ устуворона рушд менамояд.

**Ҷоизаи “Тамғаи писандидаи Тоҷикистон-2025” дар номинатсияи “Нархи дастрас” насиби ҶДММ “Баҳор маҳсулоти босифат” гашт.**

Комбинати маҳсулоти гӯштии “Баҳор” зиёда аз 50 номгӯи маҳсулоти гуногуни ҳасибӣ истеҳсол менамояд. Барои истеҳсоли ҳасибҳо-



ашё аз фермерҳои маҳаллӣ харидорӣ шуда, дар ҳама марҳилаҳои истеҳсол меъёрҳои қатъии назорати сифат татбиқ мегарданд. Нархи маҳсулот дастрас буда, истеъмолкунандагон ба ҷонибдории тамғаи “Баҳор” овози зиёд додаанд.




**Ҷоизаи “Тамғаи писандидаи Тоҷикистон-2025” дар номинатсияи “Интихоби харидор” насиби ҶДММ «Осиё-Инвест» тахти тамғаи Фатир гашт.**

“Осиё-Инвест” - яке аз пешсафони саноати хӯроквории Тоҷикистон буда, тахти тамғаи “Фатир” орд ва маҳсулоти хушсифати ордиро пешкаши харидорон мегардонад. Корхонаҳои бо техникаи замонавӣ муҷаҳҳаз, технологияҳои муосир,- садоқат ба анъанаҳо боиси истеҳсоли маҳсулоти хушсифат мешаванд. Имрӯз «Фатир» рамзи эътимод ҳам барои оилаҳо ва ҳам шарикони тиҷоратист.



**Ҷоизаи “Тамғаи писандидаи Тоҷикистон-2025” дар номинатсияи «Роҳ ба сӯи камолот» насиби «Қолинҳои ПИЛЛА» гашт.**

«Қолинҳои пилла» беш аз 3 сол дар бозори Тоҷикистон фаъол буда, зиёда аз 100 намуд қолинҳои пурнақшу нигори истеҳсоли Туркиё, Эрон, Ӯзбекистон ва Тоҷикистонро ба мизоҷон пешниҳод менамояд. «Қолинҳои ПИЛЛА» барои қонеъ гардонидани табъи нозуки тамоми харидорон маҳсулот дорад.



**Ҷоизаи “Тамғаи писандидаи Тоҷикистон-2025” дар номинатсияи “Навгонии сол” насиби ҶДММ “Биотехсаноат” тахти тамғаи Эмир гашт.**

ҶДММ “Биотехсаноат” соли 2020 фаъолияти худро оғоз намуда ба харидорон консерваҳои мевагиву сабзавотӣ, шарбату компот, повидлову мураббоҳои гуногунро пешниҳод мекунад. Тамоми маҳсулот бидуни иловаҳо ва консервантҳо омода шуда, бехатариашонро пеш аз ҳама бастабандии аз ҷиҳати экологӣ тоза таъмин менамояд. Имсол ба истеъмолкунандагон маҳсулоти нав-нӯшокиҳои гуногун - обҳои нушокии газдору бе газ, чой бо таъми шафтолуву лимӯ, обҳои нушокии 20 литра барои куллер тахти тамғаи “Эмир” пешниҳод карда шуд.



**Ҷоизаи “Тамғаи писандидаи Тоҷикистон-2025” дар номинатсияи “Эътирофи байналмилалӣ” насиби ҶДММ “Кока-Кола Нушокиҳои Тоҷикистон“ гашт.**

Маъруфияти ин бренди ҷаҳонӣ дар кишвари мо баъди ифтитоҳи филиали ширкат дар Тоҷикистон дар соли 2015 боз ҳам афзуд. Дар ду хати истеҳсолотӣ ширкат барои 10 миллион истеъмолкунанда ҳар сол зиёда 120 миллион литр нӯшокиҳои тамғаи “Кока-Кола”-ро истеҳсол ва пешкаш менамояд. «Кока-Кола Нӯшокиҳои Тоҷикистон» аввалин корхонаи ватанӣ бо эътирофи байналмиллалӣ дар соҳаи агросаноатии Тоҷикистон гашта, барои шаҳрвандони ҷумҳуриамон ҷойҳои корӣ ва имкониятҳои рушди корхонаҳои хурди байнисоҳавиро ба миён овард.



**Ҷоизаи “Тамғаи писандидаи Тоҷикистон-2025” дар номинатсияи “Муҳаррики тараққиёт” насиби ширкати “Начот” гашт.**

“Начот” ҳамчун аввалин ширкати шабакавии тоҷик соли 2016 таъсис ёфта, қариб 10 сол мешавад, ки туфайли истеҳсолу фурӯши маҳсулоти табиии гигиенӣ ба зебоӣ, аз қабили шампуну кремҳо, хамираи дандоншӯӣ ва шонаҳои маҳскунанда, атр, чою равғанҳои шифобахш, асали тоза, қахва ва ҷӯроби зиддибактериявӣ боварии мардумро ба даст овардааст.




**Ҷоизаи “Тамғаи писандидаи Тоҷикистон-2025” дар номинатсияи “Ибтикори тиллоӣ“ насиби ҶДММ "Арвис" гашт.**

“Арвис” аввалин ва ягона ширкати нассоҷии амудӣ дар Тоҷикистон мебошад, ки бо таҷҳизоти замонавии нассоҷӣ, ки аз кишварҳои Олмон, Белгия, Туркиё ва Ҷопон оварда шудаанд, муҷаҳҳаз буда, маҳсулоти сифаташ ба меъёрҳои ҷаҳонӣ ҷавобгӯӣ ва рақобатпазир истеҳсол менамояд. Иқтидори истеҳсолиаш 300 тонна дар як моҳ аст. Сачоқҳои гуногунҳаҷму хилъатҳои ҳаммомии “Арвис” аз ҷиҳати экологӣ тоза ва нарму гуворо мебошанд.

**Ҷоизаи “Тамғаи писандидаи Тоҷикистон-2025” дар номинатсияи “Бо мурури вақт санҷидашуда” насиби ҶДММ "Ҷи Эм Фармасютикалс" гашт.**

GM PHARMA - корпоратсияи байналмилалии фарматсевтӣ буда, маҳсулоташ дар заводҳои аз рӯи меъёри GMP дар Аврупои Ғарбӣ ва Гурҷистон истеҳсол мешавад. Дар озмун ширкат дорувории Aler-G-ро пешниҳод намуда буд. Дорувории



Aler-G - интихоби духтурон ва беморони гирифтори аллергия буда, муҳофизати боэътимод аз нишонаҳои аллергия барои тамоми оила аст! Таъсири нарм дорад ва бидуни эҳсоси хоболудист.



**Ҷоизаи “Тамғаи писандидаи Тоҷикистон-2025” дар номинатсияи “Интихоби харидор” насиби “ШОКОЛАТЬЕ” гашт.**

“ШОКОЛАТЬЕ”- сехи қаннодиест, ки мағозаи фирмавии худро дорад. Хурду калон ҳамарӯза аз маззаи торту кулчақандҳои бомазза ҳаловат мебаранд. Тӯли зиёда аз се соли фаъолияташ дар сех зиёда аз 40 хазор торту кулчақандҳои болаззат бо меҳру муҳаббат ва кордонии хоса тайёр ва пешкаши ҳаводорон шудааст. Қаннодиҳои “ШОКОЛАТЬЕ” дастархони чорабиниҳои гуногунро оро медиҳанд, туҳфаи хубу лазиз ҳам ҳастанд!




**Ҷоизаи “Тамғаи писандидаи Тоҷикистон-2025” дар номинатсияи “Роҳ ба сӯи камолот” насиби ширкати AROMACOCO гашт.**

Ширкати AROMACOCO зиёда аз 200 навъ атриёти брендӣ ва 50 намуд дастгоҳи намнок ва муаттаркунандаи ҳавои хона, автомобил ва биноҳои тиҷоратиро дар кишвари мо ба фурӯш мебарорад. Чанде пас ширкат бо истифода аз нақхатҳои фирмавии хеш ашёи кимиёвӣ ва ороишоти косметикӣ истеҳсол карда, пешкаши ҳаводорон менамояд.



**Ҷоизаи “Тамғаи писандидаи Тоҷикистон-2025” дар номинатсияи “Маҳсулоти машҳур” насиби тамғаи “Файзи Расул” бо маҳсулоти гӯштӣ аз вилояти Суғд гашт.**

Ширкат 22 сол боз ҳамчун истеҳсолкунандаи боэътимод ва масъули маҳсулоти гӯштӣ худро ба истеъмолкунандагон муаррифӣ кардааст. Доираи васеи маҳсулоти гӯштии “Файзи расул”, ки аз 140 номгӯй иборат аст, ҳама гуна табъу талаботро қонеъ мегардонад. Маҳсулоти “Файзи Расул” бо сифати олияш берун аз кишвар низ машҳур буда, дар намоишгоҳҳои байналмилалӣ сазовори ҷоизаву дипломҳои зиёд гаштааст. «Файзи Расул» - файзи дастархони тоҷикистониён аст!

# САТҲУ СИФАТИ ХИЗМАТРАСОНИҲОИ ТИББӢ ДАР ПАНҶ БОЗ ҲАМ БЕҲТАР МЕШАВАД



**Соҳаи тандурустӣ яке аз самтҳои аввалиндараҷаи сиёсати иҷтимоии Тоҷикистон ба шумор рафта, дар давоми солҳои Истиқлоли давлатӣ бомаром рушд карда, то ба имрӯз ба пешравиҳои назаррас ноил гардидааст. Дар ин замина, маъмурияти Беморхонаи марказии ноҳияи Панҷ ва табибони он дастуру супоришҳои Роҳбари давлат, Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Хатлонро сармашқи кори худ намуда, баҳри хизматрасонии тиббӣ ба аҳолӣ дар 4 моҳи соли 2025 корҳои зиёдеро амалӣ кардаанд.**

Тавре сартабиби Беморхонаи марказии ноҳияи Панҷ М. Ҷумъазода иттилоъ дод, беморхона аз 13 шуъба бо 381 кат ва қисмҳои ёрирасон (ҷомашӯйхона, морг, автогараж) иборат мебошад. Ба ғайр аз ин, дар тобеияти он 4 беморхонаи рақамӣ ва Беморхонаи бемориҳои силу таваллудхонаи ҷамоати деҳоти Нури Ваҳдат фаъолият доранд, ки дорои 145 кат мебошанд. Ҳамагӣ дар ноҳия 526 кат мавҷуд аст.

Дар 4 моҳи соли 2025 дар беморхонаи марказӣ ва беморхонаҳои деҳотӣ ҳамагӣ 2755 нафар бемор бистарӣ карда шудаанд, ки аз онҳо 782 нафар кӯдакони то синни 18-сола мебошанд.

Дар шуъбаи қабул давоми 4 моҳи соли равон 2668 нафар ба қайд гирифта шудаанд. Дар ин муддат ба 1081 нафар беморони худмуроҷиаткарда ёрии аввалия расонида шудааст, ки аз инҳо 759 нафарашон калонсолон ва 322 нафар кӯдаконанд. Бистаришудагон 1587 нафар мебошанд, ки аз онҳо 788 нафарро калонсолон ва 799 нафарро кӯдакон ташкил медиҳанд.

Шуъбаи ҷарроҳии беморхонаи марказӣ дорои 60 кат буда, дар 4 моҳи соли 2025-ум 351 нафар бемор бистарӣ карда шудаанд, ки аз онҳо 151 нафарашон кӯдакони то синни 18-сола мебошанд. Дар ин мудат 271 амалиёти ҷарроҳӣ гузаронида шудааст, ки аз ин шумора 192 нафарашон ҷарроҳии фаврӣ ва 79 нафарашон нақшавӣ мебошад. Аз ин шумораи ҷарроҳишудагон 133 нафар кӯдакони то синни 18-сола мебошанд.

Таваллудхонаи беморхонаи марказӣ дорои 75 кат буда, дар 4 моҳи соли равон ҳамагӣ 1172 нафар бемор бистарӣ карда шудаанд, ки аз инҳо зоиш 978 нафар, бемориҳои занона 35 нафар, бо оризаҳои патологӣ 159 нафар мебошад. Зоиши ғайри ноҳиявӣ 63 нафар аст.

Шуъбаи бемориҳои сироятии кӯдаконаи беморхонаи марказӣ дорои 50 кат буда, дар 4 моҳи соли ҷорӣ 412 нафар бемор бистарӣ карда шудаанд. Шуъбаи бемориҳои сироятии калонсолон дорои 60 кат буда, дар 4 моҳи соли 2025 дар шуъба 51 нафар бемор бистарӣ карда шудаанд.

Шуъбаи ҷисмонии кӯдакона дорои 50 кат буда, дар 4 моҳи соли 2025 дар шуъбаи мазкур ба 189 нафар кӯдакони бемор хизмати тиббӣ расонида шудааст.

Шуъбаи бемориҳои амрози даруна дорои 30 кат буда, дар 4 моҳи соли 2025-ум 289 нафар бемор бистарӣ гардида, ба онҳо хизмати тиббӣ расонида шудааст.

Шуъбаи бемориҳои дил дорои 10 кат буда, дар 4 моҳи соли 2025 дар шуъба 97 нафар беморон бистарӣ карда шудаанд. Аз он ҷумла, фишорбаландии шараёнӣ - 26 нафар, БИД стенокардияи фишорбаландӣ - 43 нафар, БИД сактаи миокард - 12 нафар, БИД стенокардия - 15 нафар, нуқсони модарзодии дил - 1 нафар.

Шуъбаи эхёгарӣ дорои 6 кат мебошад. Дар 4 моҳи соли 2025 дар шуъбаи мазкур 267 бемор бистарӣ шудаанд. Калонсолон 232 нафар, кӯдакон 35 нафар, кӯдакони то 1-сола 9 нафар, аз 1 то 5-сола 14 нафар, аз 5 то 18-сола 12 нафар мебошанд.

Шуъбаи гӯш, гулӯ ва бинӣ дорои 20 кат мебошад. Дар 4 моҳи соли равон 85 нафар бемор бистарӣ карда шудаанд. Шуъбаи бемориҳои чашм дорои 20 кат буда, дар 4 моҳи соли 2025 дар шуъбаи мазкур ягон бемор бистарӣ карда нашудааст.

Дар шуъбаи таҳлилгоҳ давоми 4 моҳи соли 2025 ҳамагӣ 8634 таҳлилҳои лабораторӣ гузаронида шудааст. Дар ҳуҷраи аксбардории рентгенӣ давоми 4 моҳи соли 2025 ҳамагӣ 1433 нафар беморон аксбардорӣ карда шудаанд.

Дар ҳуҷраи ултрасадои №1 дар 4 моҳи соли 2025 ба 363 нафар бемор хизмати тиббӣ расонидаанд. Аз он ҷумла, амбулаторӣ - 357 нафар, госпиталӣ - 2 нафар, ройгон - 4 нафар. Дар ҳуҷраи ултрасадои №2 ба 587 нафар бемор хизмати тиббӣ расонида шудааст. Аз он ҷумла, амбулаторӣ - 380 нафар, госпиталӣ - 207 нафар. Ҳуҷраи ултрасадои №3 дар 4 моҳи соли 2025 ба 219 нафар бемор хизмати тиббӣ расонидааст. Аз он ҷумла, амбулаторӣ - 180 нафар, госпиталӣ - 39 нафар. Дар ҳуҷраи ултрасадои №4 ба 804 нафар бемор хизмати тиббӣ расонидаанд. Аз он ҷумла, амбулаторӣ - 655 нафар, госпиталӣ - 149 нафар. Ҳуҷраи ултрасадои №5 ба 247 нафар бемор хизмати тиббӣ расонидааст. Аз он ҷумла, госпиталӣ - 231 нафар, амбулаторӣ - 16 нафар. Дар ҳуҷраи гармидиҳӣ бошад, дар 4 моҳи соли 2025 ба 182 нафар бемор хизмати тиббӣ расонидаанд.

Дар ҳуҷраи хатна давоми 4 моҳи соли 2025 ба 407 нафар амалиёти хатна гузаронида шудааст.

Дар ҳуҷраи сабти барқии дил давоми 4 моҳи соли 2025 ба 999 нафар бемор хизмати тиббӣ расонида шудааст, ки аз инҳо 263 нафар госпиталӣ ва 736 нафар амбулаторӣ, аз он ҷумла ройгон 7 нафар мебошанд.

Беморхонаи деҳотии рақами №1-и ноҳия дорои 25 кат мебошад. Дар 4 моҳи соли 2025 ҳамагӣ 65 нафар бемор бистарӣ шудаанд. Беморхонаи деҳотии рақами №2-и ноҳия дорои 25 кат мебошад. Дар 4 моҳи соли 2025 дар беморхонаи мазкур 4 нафар бемор бистарӣ шудаанд. Беморхонаи деҳотии рақами №3-и ноҳия дорои 45 кат аст. Дар 4 моҳи соли 2025 ҳамагӣ 30 нафар бемор дар он бистарӣ шудаанд. Беморхонаи деҳотии рақами №4-и ноҳия дорои 25 кат мебошад. Дар 4 моҳи соли 2025 дар беморхонаи мазкур 2 нафар бемор бистарӣ карда шудаанд.

Беморхонаи бемориҳои сили ноҳия дорои 25 кат мебошад. Дар 4 моҳи соли 2025 ҳамагӣ 8 нафар бемор бистарӣ гардида, хизмати тиббӣ гирифтаанд.

Тавре сартабиби Беморхонаи марказии ноҳияи Панҷ М. Ҷумъазода мегӯяд, дар 4 моҳи соли 2025 аз ҳисоби шуъбаҳои беморхона дар асоси Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон №600 ба маблағи 507840 сомонӣ ворид шуда, ба 2541 нафар бемор хизматрасонии ройгон гузаронида шудааст. Нақшаи 4 моҳи соли 2025 ба маблағи 391552 сомонӣ тасдиқ шуда, иҷроиши он 455821 сомони ё 116,41%-ро ташкил медиҳад. Дар 4 моҳи соли 2025 аз ҳисоби буҷети давлатӣ 4806567,42 сомонӣ маблағ хароҷот шудааст.

- Беморхонаи марказии ноҳияи Панҷ дар асоси дастуру ҳидоятҳои созандаю бунёдкоронаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва фармоишҳои Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, амру қарорҳои раисони ноҳияву вилоят ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ фаъолияти худро ба роҳ монда, баҳри боз ҳам беҳтар кардани сатҳу сифати хизматрасониҳои тиббию санитарӣ дар самти бистаринамоӣ, ташхису муолиҷа бо истифода аз технологияҳои муосир тадбирҳои нав ба нав меандешад,- афзуд ӯ.

**Машраби АЛОВИДДИН**



# ВОХӮРӢ БО ҲАЙАТИ БОНКИ АВРУПОИИ ТАҶДИД ВА РУШД



**19-уми майи соли 2025 дар мулоқоти роҳбарияти Бонки миллии Тоҷикистон бо ҳайати Бонки Аврупоии Таҷдид ва Рушд маҷмуи васеи масъалаҳои ҳамкорӣ дар доираи барномаҳои рушди иқтисод барои солҳои 2024-2029 баррасӣ гардиданд.**

Раиси Бонки миллии Тоҷикистон Фирдавс Толибзода аз ҳамкории бисёрсола бо БАТР - ҳамчун шарики боэътимоду устувор изҳори қаноатмандӣ намуда, қайд кард, ки тавассути ҳамкории босамар имрӯз дар бахшҳои гуногуни иқтисодӣ, бахусус низоми бонкӣ лоиҳаҳои зиёд амалӣ шуда истодаанд. Татбиқи лоиҳаҳои муштарак имкон дод, ки пешравиҳои назаррас дар самти баланд бардоштани сатҳи идоракунии корпоративӣ, рушди бозори пул ва сармоя, такмили сиёсати пулию қарзӣ ва рушди бахши суғуртаи кишвар ба даст оянд.

Ҷонибҳо зимни мулоқот доир ба роҳандозии ҳамкорӣ бо мақсади таҳкими иқтидори назорати суғуртавӣ, таҳия ва такмили санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳа, рақамикунонии хизматрасониҳои соҳаи суғурта, гузаронидани чорабиниҳо оид ба саводнокии аҳолӣ дар ин самт, инчунин принсипҳои идоракунии экологӣ, иҷтимоӣ ва корпоративӣ, таҳлили хатарҳои иқлимӣ дар муассисаҳои молиявӣ ва рушди бозори маблағгузории сабз суҳбат намуданд.

Таъкид гардид, ки ислоҳоти институтсионалии низоми молиявии сабз барои бахши молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳим буда, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар доираи «Стратегияи рушди иқтисоди «сабз» дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2023-2037» ислоҳоти институтсионалиро оид ба ҷалби маблағгузории сабз ҳадаф қарор додааст.

Муовини директор оид ба стратегияи сиёсати иқтисодии БАТР ҷаноби Либор Крскоска ва роҳбари намояндагии БАТР дар Тоҷикистон ҷаноби Холгер Вифел ҷалби лоиҳаҳо ба рушди бахши хусусӣ, таҳкими устувории низоми молиявӣ, суръат бахшидан ба модернизатсияи иқтисодӣ, ташаккули иқтисодиёти сабз, тақвияти идоракунии корпоративӣ ва рушди низоми молиявиро аз самтҳои муҳими дурнамои ҳамкорӣ арзёбӣ намуданд.




# БАРРАСИИ ТАҚВИЯТИ НИЗОМИ МОЛИЯВӢ ДАР МУЛОҚОТ БО ҲАЙАТИ БОНКИ ҶАҲОНӢ

**20-уми майи соли ҷорӣ дар доираи татбиқи барномаи “Тақвияти низоми молиявӣ дар Тоҷикистон - марҳилаи II” муовини раиси Бонки миллии Тоҷикистон Далер Муродализода бо намояндагони Бонки Ҷаҳонӣ - роҳбари бахши молиявии Гурӯҳи Бонки Ҷаҳонӣ дар кишварҳои Аврупо ва Осиёи Марказӣ Пиетро Каличе, аъзои гурӯҳ Анита Окемини ва Моника Арутюнян мулоқот анҷом дод.**

Дар мулоқот ҷонибҳо масъалаҳои муҳими ҳамкориро, ки ба таҳкими устуворӣ, шаффофияти низоми молиявӣ ва густариши фарогирии молиявӣ дар кишвар равона шудаанд, мавриди баррасӣ қарор доданд. Дар доираи татбиқи Стратегияи миллии фарогирии молиявӣ ба ташкили веб-портали ягона барои муқоисаи нархҳо ва шароити хизматрасониҳои молиявӣ, ки ба таҳкими ҳифзи ҳуқуқи истеъмолкунандагони хизматрасониҳои молиявӣ, рушди муҳити рақобатпазир дар бахши бонкдорӣ ва боло бурдани сатҳи саводнокии молиявии аҳолӣ мусоидат хоҳанд кард, таваҷҷуҳи хос зоҳир гардид.

Зимни мулоқот инчунин дигар масъалаҳои корӣ, аз ҷумла, нақшаи минбаъдаи омодасозии дастурамалҳои методӣ барои ташкилотҳои қарзии молиявӣ оид ба интиқол ва навсозии маълумот, озмоиши платформаи мазкур бо иштироки ҷонибҳои манфиатдор, инчунин сайқал додани малакаи касбии кормандони Бонки миллии Тоҷикистон дар шароити гузариш ба рақамикунонии бахши молия баррасӣ гардиданд.

**Шуъбаи матбуоти БМТ**

# ФОНДИ ҚАРЗИИ ХУРДИ ЧИЛУЧОРЧАШМА

**ҲИСОБОТ ОИДИ ҲОЛАТИ МОЛИЯВӢ**

Ба 31 декабри соли 2024

Бо сомонӣ

| | Эзоҳ | 31.12.2024с. | 31.12.2023с. |
|---|---|---|---|
| **Дороиҳо** | | | |
| Воситаҳои пулӣ ва ҳамарзиши онҳо | 4.1. | 55 649 | 35 691 |
| Қарзҳои додашуда ба мизоҷон | 4.2. | 2 317 752 | 2 298 750 |
| Фоизҳо барои гирифтан | 4.3. | 91 830 | 99 015 |
| Дороиҳои ҷории дигар | 4.4. | 80 933 | 75 888 |
| Воситаҳои асосӣ | 4.5. | 17 884 | 17 129 |
| Дороиҳои ғайримоддӣ | 4.6. | 3 720 | 4 132 |
| **Ҳамагӣ дороиҳо** | | **2 567 769** | **2 530 605** |
| **Ӯҳдадориҳо** | | | |
| Андозҳо барои пардохт | 4.7. | 44 | - |
| Ӯҳдадориҳои ҷории дигар | 4.8. | 12 893 | 10 176 |
| Даромади татбиқнашуда | 4.9. | 743 000 | 743 000 |
| **Ҳамагӣ ухдадориҳо** | | **755 937** | **753 176** |
| **Сармояи худӣ** | | | |
| Захира барои амалиётиояндаи ташкилот | 4.10 | 856 047 | 856 047 |
| Сармояи изофавӣ | 4.10 | 915 781 | 915 781 |
| Захираи умумӣ аз фоида | 4.10 | 48 982 | 48 982 |
| Фоидаи тақсимнашуда (зиён) | 4.10 | (8 978) | (43 381) |
| **Ҳамагӣ сармоя** | | **1 811 832** | **1 777 429** |
| **Ҳамагӣ ӯҳдадориҳо ва сармоя** | | **2 567 769** | **2 530 605** |

**Директори иҷроия** — **Сармуҳосиб**

**Ким З. Д.** — **Ҳазратқулов А.А.**

Саҳифаи 6|26

**ҲИСОБОТ ОИДИ ФОИДА ВА ЗИЁН ВА ДИГАР ДАРОМАДҲОИ УМУМӢ**

дар санаи 31-уми декабри соли 2024 ба итмом расида

Бо сомонӣ

| | Эзоҳ | 2024с. | 2023с. |
|---|---|---|---|
| Даромади фоизӣ | | 439 634 | 416 285 |
| Харочоти фоизӣ | | - | - |
| **Даромади холиси фоизӣ** | | **439 634** | **416 285** |
| ФПТИ аз рӯи қарзҳо | | - | 49 016 |
| **Фоида (зарари) амалиётӣ** | | **439 634** | **367 269** |
| Дигар даромадҳои амалиётӣ | | 18 366 | 9 435 |
| Харочоти идоравӣ ва дигар харочоти амалиётӣ | | (416 062) | (370 312) |
| Дигар даромадҳои ғайриамалиётӣ | | - | 2 059 |
| **Фоида (зарар) то андозбандӣ** | | **41 938** | **8 451** |
| Андоз аз даромад | | (7 536) | (1 944) |
| **Фоида (зарари) холис** | | **34 402** | **6 507** |

**Директори иҷроия** — **Сармуҳосиб**

**Ким З. Д.** — **Ҳазратқулов А.А.**

Саҳифаи 7|26

bakertilly

Ҷумҳурии Тоҷикистон
ш. Душанбе, 734025
кӯч. Бохтар 37/1, офис 501

Т: + 992 (44) 600 46 55
contact@bakertilly.tj
www.bakertilly-ca.com

## ҲИСОБОТИ АУДИТОРИ МУСТАҚИЛ

Ба Саҳомон, Шӯрои нозирон ва Роҳбарияти Ҷамъияти саҳомии пӯшидаи «Бонки байналмилалии Тоҷикистон»:

**Хулосаи аудитор**

Мо санҷиши аудитории ҳисоботи молиявии Ҷамъияти саҳомии пӯшидаи "Бонки Байналмилалии Тоҷикистон" ва ширкатҳои фаръии он Ҷамъияти саҳомии пӯшидаи "АКТИВ БОНК", Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди "Суғуртаи Асри 21" ва Ҷамъияти саҳомии пӯшидаи "Ташкилоти иҷораи молиявии хурди "Стандарт-иҷора""(минбаъд – Гурӯҳ), гузаронидем, ки аз ҳисоботи маҷмуӣ оиди ҳолати молиявӣ ба санаи 31 декабри соли 2024, ҳисоботи маҷмуӣ оиди фоида ва зарар ва маҷмӯи даромади ғайр, ҳисоботи маҷмуӣ оиди тағйирёбии сармоя ва ҳисоботи маҷмуӣ оиди ҳаракати воситаҳои пулӣ ва инчунин эзоҳот ба ҳисоботи маҷмуии молиявӣ, аз ҷумла маълумоти кӯтоҳ дар бораи сиёсати ҳисобдорӣ, иборат мебошад.

Ба ақидаи мо, ҳисоботи маҷмуии молиявии замимашуда вазъи молиявии Гурӯҳро ба ҳолати 31 декабри соли 2024, инчунин натиҷаҳои молиявии Он ва ҳаракати маблағҳои пулиро барои соле, ки дар санаи зикршуда анҷом ёфтааст, тибқи стандартҳои Байналмилалии ҳисоботи молиявӣ (минбаъд "СБҲМ") ба таври боэътимод инъикос мекунад.

**Асос барои Хулосаи аудитор**

Мо санҷиши аудиториро мувофиқи Стандартҳои байналмиллалии аудиторӣ («СБА») гузаронидем. Масъулияти мо мувофиқи ин стандартҳо дар бахши «Масъулияти аудитор барои санҷиши аудитории ҳисоботҳои молиявӣ»-и ҳисоботамон ошкор шудааст. Мо мувофиқи талаботи Кодекси ахлоқи аудиторони касбӣ, ки аз тарафи Шӯрои стандартҳои байналмилалии ахлоқ барои муҳосибон тасдиқ шудааст («Кодекси ШСБАМ»), дар якҷоягӣ бо талаботи ахлоқӣ, ки ба аудити ҳисоботи молиявии мо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дахлдор мебошанд аз Гурӯҳ мустақил мебошем, ва мо инчунин дигар талаботҳои ахлоқиро низ мувофиқи ин талаботҳо ва Кодекси ШСБАМ иҷро намудаем. Мо боварӣ дорем, ки далелҳои аудиторие, ки мо дастрас намудем барои изҳори хулосаи мо асоси кифоя ва муносиб мебошанд.

**Сархати тавзеҳӣ**

Бе ворид намудани ягон эрод хулосаи мо, мо диққати Шумо ро ба тавзеҳи 17-и ҳисоботи молиявии консолидатсионӣ ҷалб менамоем. Ҷамъияти саҳомии пӯшидаи «Бонки Байналмилалии Тоҷикистон» захира оиди талафоти эҳтимолии қарзии портфели қарзиро мутобиқи МСФО (IFRS) 9 «Воситаҳои молиявӣ» (минбаъд – «МСФО 9») ҳисоб менамояд, ки он аз захирае, ки мувофиқи талаботи Бонки миллии Тоҷикистон (минбаъд – «БМТ») ҳисоб карда мешавад, фарқ мекунад. Тавре ки ба санаи 31 декабри соли 2024 ва 31 декабри соли 2023 нишон дода шудааст, захираи ҳисобшуда оид ба талафоти эҳтимолии қарзии қарзҳои додашуда мувофиқи МСФО 9 мутаносибан 6 494 ҳазор сомонӣ ва 5,252 ҳазор сомониро ташкил дод, дар ҳоле ки захираи ҳисобшуда мувофиқи БМТ мутаносибан 29,776 ҳазор сомонӣ ва 12,780 ҳазор сомониро ташкил дод. Маблағи фарқияти миёни захираҳо мувофиқи МСФО ва БМТ ба ҳисоботи захираҳои қарзҳои хизматрасонидашаванда мутобиқи дастури БМТ вобаста карда шудааст.

Диққат дода мешавад ба Эзоҳи 4 "Бознигарӣ ва бозтасниф" ба ҳисоботи молиявии маҷмуӣ.

Аудиторе, ки аудити ҳисоботи молиявии маҷмуии Гурӯҳро дар соли 31 декабри соли 2023 анҷом дод, изҳори ақидаи тағйирефтаро кард, зеро яке аз ширкатҳои фаръӣ ба ҳисоботи муттаҳидшуда дохил карда нашудааст. Дар ҷараени аудити соли 31 декабри соли 2024, ширкати фаръии зикршуда ба ҳисоботи муттаҳидшуда дохил карда шуд ва маълумоти муқоисашаванда барои соли 2023 аз нав дида баромада шуд ва бо назардошти муттаҳидсозии ин ширкат, тавре ки дар Эзоҳи 4 ошкор шудааст, пешниҳод карда шуд.



Ба андешаи мо, чунин тасҳеҳот мувофиқ ва дуруст инъикос карда мешаванд. Мо дар бораи ҳисоботи молиявии маҷмуӣ барои соли 2023 аудит, санҷиш ё дигар расмиётро анҷом надодаем, ба истисноӣ тасҳеҳоти баррасишуда ва аз ин рӯ, дар бораи ҳисоботи соли 2023 дар маҷмӯъ андеша ё шакли дигари эътимодро баён намекунем.

**Ҷанбаҳои дигар**

Мо диққати шуморо ба Эзоҳи 23 ба ҳисоботи молиявии маҷмуӣ равона мекунем, ки дороиҳои дарозмуддати Гурӯҳро барои фурӯш нишон медиҳад. Аз 31 декабри соли 2024, дороиҳои дарозмуддати барои фурӯш пешбинишуда амволи ғайриманқул ва ҷавоҳироти ба ихтиёри Гурӯҳ додашударо дар бар мегиранд. Арзиши умумии заргарӣ 1,137 ҳазор сомониро ташкил медиҳад ва Гурӯҳ 100% захираи ин дороиҳоро ҳисоб кардааст. Ин захираҳо тибқи дастури БМТ, ки метавонад аз талаботи СБҲМ фарқ кунад, ҳисоб карда шудаанд.

**Масъулияти роҳбарият ва шахсони масъул нисбати идоракунии корпоративӣ ва ҳисоботи маҷмуии молиявӣ**

Роҳбарият барои омодакунии ҳисоботи маҷмуии молиявӣ ва мутобиқати он ба СБҲМ, талаботҳои Бонки миллии Тоҷикистон ва қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон масъулият ба зимма дорад. Масъулияти мазкур инҳоро дар бар мегирад: таъсис додан, татбиқ намудан ва дастгирӣ кардани назорати дохилӣ аз рӯи омодакунӣ ва аниқу воқеӣ пешниҳод кардани ҳисоботи молиявӣ бидуни таҳрифи назаррасе, ки дар натиҷаи сӯиистифодаи молиявӣ ва хатоҳо ба амал омада бошанд. Дар омодакунии ҳисоботи маҷмуии молиявӣ роҳбарият оиди баҳогузории қобилияти Гурӯҳ барои фаъолияти қатънашаванда, ошкоркунии масъалаҳои ба фаъолияти қатънашаванда татбиққунанда, истифодаи принсипҳои асосии баҳисобгирии Ташкилотҳои фаъолияташон қатънашаванда масъулиятнок мебошад, танҳо ба истисноӣ мавридҳое, ки роҳбарият нияти барҳамдихии Гурӯҳ, қатъ намудани амалиётҳо ё бе мавҷудияти ягон асоси воқеӣ ба ҳамин тавр рафтор карданро дошта бошад. Шахсони масъул нисбати идоракунии корпоративӣ ҳамчунин барои назорати ҷараёни ҳисоботи молиявии Гурӯҳ масъулиятнок ба ҳисоб меравад.

**Масъулияти аудиторон нисбати аудити ҳисоботи маҷмуии молиявӣ**

Мо аудитро бо мақсади ба даст овардани эътимоди қавӣ бобати он ки ҳисоботи маҷмуии молиявӣ таҳрифоти назаррас надорад, амалӣ намудаем ва ҳисоботи молиявии ки ақидаҳои моро иброз менамоянд, пешниҳод менамоем. Боварии қатъӣ сатҳи баланди боварӣ мебошад, лекин кафолат намедихад, ки аудит дар асоси СБА хамеша тахрифоти назаррасро ошкор месозад. Таҳрифоти назарраси ҳисоботи маҷмуии молиявӣ дар натиҷаи сӯиистифодаи молиявӣ ва ё содир намудани хатоҳо ба амал омада, дар мавриде назаррас ҳисобида мешавад, агар онҳо дар алохидагӣ ё ҳамбастагӣ тавонанд ба қарорҳои иқтисодии шахсони ба таҳияи ҳисоботи маҷмуии молиявӣ машғул буда, таъсир расонанд

Дар чаҳорчӯби аудит, ки мувофиқи СБА гузаронида мешавад, мо хулосаи касбӣ ва скептицизми касбиро дар тамоми санҷиши аудиторӣ нигоҳ медорем. Ғайр аз ин, мо амалҳои зеринро иҷро мекунем:

- шиносоии хатарҳо ва арзёбии хатарҳои таҳаввулоти маънавии ҳисоботи молиявии муттаҳидшуда бо сабаби амалҳои нокас ё хатои инсонӣ; таҳия ва иҷрои раванди аудиторӣ дар посух ба ин хатарҳо; гирифтани далелҳои аудиторӣ, ки барои ифодаи назарии мо асоси кофӣ ва дуруст бошанд. Хатар дар намоиши хато дар натиҷаи амалҳои нокас бештар аст, аз хатар дар намоиши хато дар натиҷаи хатои инсонӣ, зеро амалҳои нокас метавонанд шомили созиш, қаллобӣ, номуносибии маълумот ё амалҳо барои пешгирии системаи назорати дохилӣ бошанд;
- фаҳмидани системаи назорати дохилӣ, ки бо аудит алоқаманд аст, бо мақсади таҳияи раванди аудиторӣ, ки мувофиқи вазъиятҳо бошад, аммо на бо мақсади ифодаи назар оиди самаранокии системаи назорати дохилии Гурӯҳ;
- арзёбии дурустии сиёсати ҳисобдорӣ ва асоснокии арзёбиҳои пешгӯӣ ва дурустии калафҳои иттилоотии, ки аз ҷониби раҳбарӣ омода шудаанд;
- сози хулоса дар бораи дурустии истифодаи таҳаввули фаъолияти раҳбарӣ ҳамчун асоси ҳисобдорӣ, ва ба асоси далелҳои аудиторӣ, хулоса кардан дар бораи мавҷудияти ҳодисаҳо ё шартҳо, ки метавонанд дар пайи онҳо суолҳо дар бораи қобилияти Гурӯҳ барои идомаи фаъолияти муштариаш ба вуҷуд оянд. Агар мо хулоса кунем, ки мавҷудияти нақшави муҳими дурустӣ вуҷуд дорад, мо бояд дар хулосаи аудиторӣ ба маълумоти мувофиқи, ки дар ҳисоботи молиявии муттаҳидшуда оварда шудааст, ишора кунем ё агар маълумот нарасад, хулосаро ислоҳ кунем. Хулосаҳои мо ба далелҳои аудиторӣ, ки то санаи хулосаи аудиторӣ гирифта шудаанд, асос ёфтаанд;



- арзёбии таҳаввулоти умумии ҳисоботи молиявии муттаҳидшуда, сохту мундариҷаи он, шомили фош кардани маълумот ва арзёбии он, ки оё ҳисоботи молиявии муттаҳидшуда ва амалиёт ва ҳодисаҳое, ки онро асос медиҳанд, тавре ки нишон медиҳанд, ки онҳо тавре, ки бояд, дар бораи воқеиятҳо дуруст нишон дода шудаанд.

Мо ба ҳамкории иттилоотӣ бо одамоне, ки барои идоракунии корпоративӣ масъуланд, машғул ҳастем, ки дар он шомил аст, таъкид кардан дар бораи ҳаҷм ва мӯҳлатҳои муайяни аудиторӣ ва саволҳои муҳим, ки диққати аудиторо ҷалб намудааст, шомили камбудиҳои муҳими системаи назорати дохилӣ, ки мо дар раванди аудит муайян мекунем.

Мо инчунин ба одамоне, ки барои идоракунии корпоративӣ масъуланд, эълом мекунем, ки мо ҳамаи талаботи этикӣ ва талаботи мустақилиро риоя намуда, ба онҳо иттилоот дар бораи ҳама муносибатҳо ва дигар масъалаҳое, ки метавонанд таъсир расонанд ба мустақилияти аудитори, ва дар мавридҳои лозима – дар бораи ҳама тадбирҳои эҳтиётӣ, ки мувофиқ буданд, расонидаем.

Шавкатҷон Назиров

Директор,
ҶДММ «Бейкер Тилли Тоҷикистон»
Иҷозатномаи № 000014, аз ҷониби Бонки миллии Тоҷикистон дода шудааст

30 апрели с. 2025.
ш. Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон



## ҶАМЪИЯТИ САҲОМИИ ПӮШИДАИ «БОНКИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ ТОҶИКИСТОН»

### ҲИСОБОТИ МАҶМУӢ ОИД БА ФОИДА Ё ЗАРАР ВА МАҶМӮИ ДАРОМАДИ ҒАЙР БАРОИ СОЛЕ, КИ 31 ДЕКАБРИ СОЛИ 2024 БА АНҶОМ ЁФТААСТ

*(бо ҳазор сомонӣ)*

| | Эзоҳ. | Барои соле, ки 31 декабри соли 2024 анҷом ёфтааст | Барои соле, ки 31 декабри соли 2023 анҷом ёфтааст (*азнавдида*)) |
|---|---|---|---|
| **ФАЪОЛИЯТИ БОНКӢ** | | | |
| Даромадҳои фоизӣ | 5 | 160,545 | 96,945 |
| Хароҷотҳои фоизӣ | 5 | (40,471) | (40,771) |
| ДАРОМАДИ СОФИ ФОИЗӢ ТО ТАШАККУЛЁБИИ ЗАХИРА БАРОИ ЗАРАРИ ПЕШБИНИШУДАИ ҚАРЗӢ АЗ РӮИ ҚАРЗҲОИ МИЗОҶОН | | 120,074 | 56,174 |
| Ташаккули захира барои зарари пешбинишудаи қарзӣ аз рӯи қарзҳои мизоҷон | 17 | (1,394) | (2,867) |
| ДАРОМАДИ СОФИ ФОИЗӢ | 5 | 118,680 | 53,307 |
| Даромадҳои комиссионӣ | 6 | 338,305 | 191,920 |
| Хароҷоти комиссионӣ | | (129,614) | (75,183) |
| НАТИҶАҲОИ ФАЪОЛИЯТИ БОНКӢ | | 327,371 | 170,044 |
| **ФАЪОЛИЯТИ ЛИЗИНГӢ** | | | |
| Даромади фоизӣ аз лизинги молиявӣ | 5 | 1,631 | 1,550 |
| Барқарорсозии /(Ташаккули) захира барои зарари пешбинишудаи қарзӣ аз рӯи иҷораи молиявӣ | 24 | 156 | (591) |
| НАТИҶАҲОИ ФАЪОЛИЯТИ ЛИЗИНГӢ | | 1,787 | 959 |
| **ФАЪОЛИЯТИ СУҒУРТАВӢ** | | | |
| Даромад аз фаъолияти суғурта | 9 | 258 | 4,318 |
| Натиҷаи тағйири захираи ҷоизаҳои корношоям | 9 | 1,962 | (1,644) |
| Мукофотҳои азнавсуғуртакунӣ | 9 | (138) | (119) |
| Пардохт барои даъвоҳои суғурта | 9 | (415) | (291) |
| НАТИҶАҲОИ ФАЪОЛИЯТИ СУҒУРТАВӢ | 9 | 1,667 | 2,264 |

**ҶАМЪИЯТИ САҲОМИИ ПӮШИДАИ «БОНКИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ ТОҶИКИСТОН»**

**ҲИСОБОТИ МАҶМУӢ ОИД БА ФОИДА Ё ЗАРАР ВА МАҶМӮИ ДАРОМАДИ ҒАЙР БАРОИ СОЛЕ, КИ 31 ДЕКАБРИ СОЛИ 2024 АНҶОМ ЁФТААСТ (ДАВОМ)**
*(бо ҳазор сомонӣ)*

| | Эзоҳ. | Барои соле, ки 31 декабри соли 2024 анҷом ёфтааст | Барои соле, ки 31 декабри соли 2023 анҷом ёфтааст (*азнавдида*)) |
|---|---|---|---|
| **ФАЪОЛИЯТИ ҒАЙР** | | | |
| Хароҷоти амалиётӣ | 11 | (169,777) | (128,535) |
| Даромади соф аз амалиётҳо бо асъори хориҷӣ | 7 | 138,600 | 114,012 |
| Даромади соф аз амалиётҳои воситаҳои молиявӣ ки бо арзиши одилона тавассути фоида ё зарар арзёбӣ мешаванд | 8 | (3,029) | - |
| Барқарорсозии/(ташаккули) захира барои беқурбшавӣ ва зарари пешбинишудаи қарзӣ | 10 | (1,496) | 1,941 |
| Дигар даромадҳои ғайриамалиётӣ, холис | 12 | 4,511 | 1,831 |
| НАТИҶАҲОИ ФАЪОЛИЯТИ ҒАЙР | | (31,191) | (10,751) |
| ФОИДА ТО АНДОЗ АЗ ФОИДА | | 299,634 | 162,516 |
| Хароҷоти андоз аз фоида | 13 | (61,049) | (31,850) |
| ФОИДАИ СОФ | | 238,585 | 130,666 |
| Дигар даромади ғайр | | (25) | 707 |
| ҲАМАГӢ МАҶМӮИ ДАРОМАД | | 238,560 | 131,373 |

**Аз номи Роҳбарияти Гурӯҳ:**

Раҷабов И. Х.
**Раиси Раёсат**

30 апрели соли 2025
ш. Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон

Одинаев С. А.
**Сармуҳосиб**

30 апрели соли 2025
ш. Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон

Эзоҳот дар саҳифаҳои 12-75 овардашуда қисми ҷудонопазири ҳисоботи молиявии мазкур мебошанд. Ҳисоботи аудиторони мустақил дар саҳифаҳои 3-5 оварда шудааст.

7

**ҶАМЪИЯТИ САҲОМИИ ПӮШИДАИ «БОНКИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ ТОҶИКИСТОН»**

**ҲИСОБОТИ МАҶМУӢ ОИДИ ВАЗЪИ МОЛИЯВӢ БА ҲОЛАТИ 31 ДЕКАБРИ СОЛИ 2024**
*(бо ҳазор сомонӣ)*

| | Эзоҳ | 31 декабри с. 2024 | 31 декабри с. 2023 (*азнавдида*) | 1 январи с. 2023 (*азнавдида*) |
|---|---|---|---|---|
| **ДОРОИҲО** | | | | |
| Воситаҳои пулӣ ва муодилҳои онҳо | 14 | 716,055 | 808,364 | 725,175 |
| Тилло | | 23,965 | 8,075 | 273 |
| Захираҳои ҳатмӣ дар Бонки миллии Тоҷикистон | 15 | 188,918 | 148,535 | 78,990 |
| Воситаҳо дар бонкҳо | 16 | 1,536,007 | 712,624 | 457,417 |
| Қарзҳо ба мизоҷон | 17 | 843,303 | 620,629 | 331,769 |
| Иҷораи молиявӣ ба мизоҷон дода шуда | 18 | 6,540 | 10,381 | 3,893 |
| Сармоягузорӣ | 19 | 2,189 | 2,189 | 2,189 |
| Сармоягузориҳое, ки то мӯҳлати пардохт нигоҳ дошта мешаванд | 20 | 104,556 | 5,014 | 5,014 |
| Сармоягузориҳое, ки бо арзиши одилона баҳо дода мешаванд, ки тағйироти онҳо дар таркиби даромади дигари муштарак инъикос карда мешаванд | 21 | 2,161 | 2,136 | 5,847 |
| Воситаҳои молиявие, ки бо арзиши одилона тавассути фоида ё зарар арзёбӣ мешаванд | 26 | - | 142 | (380) |
| Дороиҳои дарозмуҳлат барои фурӯш | 23 | - | 284 | 3,180 |
| Воситаҳои асосӣ | 22 | 94,217 | 76,663 | 48,663 |
| Дороиҳо дар шакли ҳуқуқи истифодабарӣ | 24 | 21,354 | 17,317 | 8,809 |
| Дороиҳои ғайримоддӣ | 25 | 23,146 | 19,676 | 19,191 |
| Дороиҳои андозии мавқуфгузоштaшуда | 13 | 462 | 671 | 722 |
| Дороиҳои дигар | 27 | 688,383 | 423,730 | 162,795 |
| ҲАМАГӢ ДОРОИҲО | | 4,251,256 | 2,856,430 | 1,853,547 |
| **ӮҲДАДОРИҲО ВА САРМОЯ** | | | | |
| ӮҲДАДОРИҲО: | | | | |
| Воситаҳои мизоҷон | 28 | 2,884,582 | 2,081,035 | 1,301,998 |
| Маблағҳои бонкҳо ва ташкилотҳои молиявӣ | 24 | 298,356 | 246,380 | 221,672 |
| Қарзҳои гирифташуда | 30 | 24,473 | 35,551 | 23,768 |
| Воситаҳои молиявие, ки бо арзиши одилона тавассути фоида ё зарар арзёбӣ мешаванд | 26 | 256 | - | - |
| Ӯҳдадориҳои иҷора | 24 | 22,684 | 18,361 | 10,218 |
| Захираи мукофотҳои бекоршуда | | 16 | 2,034 | 390 |
| Ӯҳдадориҳои андозии мавқуфгузоштaшуда | 13 | 3,790 | 686 | 1,818 |
| Дигар ӯҳдадориҳо | 31 | 433,332 | 80,586 | 33,258 |
| | | 3,667,489 | 2,464,633 | 1,593,122 |
| САРМОЯ: | | | | |
| Сармояи оинномавӣ | 32 | 341,816 | 218,476 | 125,950 |
| Захираҳои умумӣ | | 5,784 | 5,784 | 5,784 |
| Захираҳои умумӣ оиди қарзҳои хизматрасонишаванда | | 23,282 | 7,528 | 358 |
| Захираи азнавбаҳодиҳӣ | | (419) | (394) | (1,800) |
| Фоидаи тақсимнашуда | | 213,304 | 160,403 | 130,133 |
| | | 583,767 | 391,797 | 260,425 |
| ҲАМАГӢ ӮҲДАДАРИҲО ВА САРМОЯ | | 4,251,256 | 2,856,430 | 1,853,547 |

**Аз номи Роҳбарияти Гурӯҳ:**

Раҷабов И. Х.
**Раиси Раёсат**

30 апрели соли 2025
ш. Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон

Одинаев С. А.
**Сармуҳосиб**

30 апрели соли 2025
ш. Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон

Эзоҳот дар саҳифаҳои 12-75 овардашуда қисми ҷудонопазири ҳисоботи молиявии мазкур мебошанд. Ҳисоботи аудиторони мустақил дар саҳифаҳои 3-5 оварда шудааст..

8

## Толеънома



***Ҳамал***
***21.03 - 20.04***

Ҳафта бо эҳсоси нофаҳмӣ ва асабоният оғоз мешавад. Рӯзи сешанбе аз корҳои беҳуда худдорӣ кунед ва имкониятҳои навро барои беҳбудии ҳаёт истифода баред. Чоршанбе барои иҷрои корҳои душвор муносиб аст. Дар ҳаёти шахсӣ ҷуръат нишон диҳед, орзуҳо амалӣ мешаванд.



***Савр***
***21.04 - 21.05***

Ҳафтаи ороммиву мулоҳиза аст. Аввали ҳафта ба эҳсосоти дигарон бештар аҳамият диҳед. Сешанбе дилатон ба фароғату харид майл мекунад. Чоршанбе эҳсоси ноустуворӣ метавонад шуморо саргардон созад. Панҷшанбе аз таҷрибаи дигарон биомӯзед.



***Ҷавзо***
***22.05 - 21.06***

Шумо муваффақ мешавед, агар масъулияти корҳоро худ бар дӯш гиред. Дар нимаи ҳафта фурсати беҳтарин барои истироҳат ва андешаронӣ фароҳам аст. Агар омода бошед, вазифаи нав ба даст меоред. Ҷумъа бо наздикон бо мулоиматӣ суҳбат кунед.



***Саратон***
***22.06 - 23.07***

Даҳонатонро нигоҳ доред, то мунокиша нашавад. Сешанбе диққати зиёди дигарон ба шумо равона мешавад, аз он баҳра баред. Чоршанбе беҳтараш корҳои хонаводагиро анҷом диҳед. Панҷшанбе маблағи ғайриинтизор ба даст меояд, оқилона истифода баред.



***Асад***
***23.07 - 22.08***

Вақти он расидааст, ки бо ҷасорат ташаббусҳои худро амалӣ намоед. Дӯстдоштаатонро дастгирӣ кунед. Ҳоло аз оғоз кардани вазифаҳои нав худдорӣ намоед. Аз фишорҳои ҷисмонӣ, равонӣ ва зеҳнии зиёд парҳез кунед. Вохӯриҳои романтикӣ ё дӯстона ба нақша нагиред.



***Сунбула***
***23.08 - 22.09***

Дар ҳафтаи ҷорӣ масъулияти равобити хонаводагӣ бар дӯши шумост. Муносибат бо наздикон муайян мекунад, ки рӯзҳоятон ором хоҳанд буд ё пурташвиш. Хушбахтона, муошират бо шахсони судманд ва фаъолиятҳои зеҳнӣ ба шумо муваффақият меоранд.



***Мизон***
***25.09 - 22.10***

Аввали ҳафта барои муносибатҳои ошиқона ва мулоқоти самимӣ бо шахси дӯстдошта беҳтарин аст. Барои корҳои хонаводагӣ беҳтар аст, ки фурсате дигарро интизор шавед. Нақшаҳо ва иқдомҳои шумо натиҷаи дилхоҳ намедиҳанд. Дар бораи зиндагии шахсӣ гап назанед.



***Ақраб***
***23.10 - 22.11***

Ҳафта бо душвориҳои хурди корӣ оғоз мешавад, вале иродаи қавии шумо ҳама мушкилро бартараф мекунад. Хабарҳои муҳим ҳаёти шуморо тағйир медиҳанд. Сешанбе беҳтараш камбудиҳои дигаронро пинҳон доред. Ҷумъа меҳрубониро пос доред.



***Қавс***
***25.11 - 21.12***

Ҳафта бо фишори корӣ оғоз меёбад, руҳияи некро нигоҳ доред. Чоршанбе барои мулоқот бо дӯстону наздикон ва кори хона хуб аст. Ташриф ба кошонаи ҳусн табъатонро болида мекунад. Панҷшанбе ба муҳаббат бахшида мешавад. Шанбе барои корҳои ақибмонда мувофиқ аст.



***Ҷаддӣ***
***22.12 - 20.11***

Муносибатҳои ошиқона хастакунанда шудаанд? Фосила бигиред. Панҷшанбе имконияти оғози лоиҳаи нав фаро мерасад. Ҷумъа шонси дарёфти даромади иловагӣ доред, аммо дар хароҷот эҳтиёт кунед. Шанбе беҳтараш аз пайи ташхиси бемориҳо шавед.



***Далв***
***21.01 - 19.02***

Дӯстдоштаатон шуморо аз хароҷоти нолозим нигоҳ медорад. Сешанбе кор дар маркази диққат аст. Чоршанбе барои оғоз кардани корҳои дермонда беҳтарин аст. Панҷшанбе баҳс бо ҳамкорон эҳтимол дорад, аз мулоқотҳои расмӣ худдорӣ намоед.



***Ҳут***
***20.02 - 20.03***

Душанбе рӯзи муносиб барои беҳтар кардани вазъи молист. Зиракӣ ва таҳлили шумо кумак мекунад. Сешанбе байни ду роҳ саргардонед, қарор қабул кунед. Чоршанбе серташвиш, вале пурмаҳсул аст. Идеяҳои субҳгоҳӣ фоидаовар хоҳанд буд.

## МАВЛУДНОМА

### 25 МАЙ

**Маҳмадулло Машрабов** (1945), 80-солагии зодрӯзи олими соҳаи иқтисод.

**Бегӣ Саъдуллоев** (1935), 90-солагии зодрӯзи забоншинос.

### 26 МАЙ

**Тошқул Азимзода** (1950), 75-солагии зодрӯзи нависанда.

**Мақсудҷон Муҳиддинҷонов** (1950), 75-солагии зодрӯзи журналист-суратгир, Корманди шоистаи Тоҷикистон.

**Абдулҳаким Шукуров** (1940-1993), 85-солагии зодрӯзи журналист,шоир.

### 27 МАЙ

**Григорий Воробёв** (1925-1986), 100-солагии зодрӯзи ҳунарманди театр, Ҳунарпешаи шоистаи Тоҷикистон.

**Бурҳон Маҳмадқулов** (1945), 80-солагии зодрӯзи сарояндаи опера, Ҳунарпешаи халқии Тоҷикистон.

**Неъмат Мирсаидов** (1955), 70-солагии зодрӯзи журналист.

**Душанбе Паллаев** (1950-2017), 75-солагии зодрӯзи Ҳофизи халқии Тоҷикистон, Корманди шоистаи маданияти Тоҷикистон.

### 28 МАЙ

**Абдусаттор Ғаффоров** (1945), 80-солагии зодрӯзи олими соҳаи физика.

**Галина Краснухина** (1940), 85-солагии зодрӯзи ҳунарманди театр, Ҳунарпешаи шоистаи Тоҷикистон.

**Баҳодур Мирзоев** (1950), 75-солагии зодрӯзи олими соҳаи химия.

**Сироҷиддин Осимӣ** (1945), 80-солагии зодрӯзи нависанда.

**Анна Розенфелд** (1910-1990), 115-солагии зодрӯзи доктори илми филологӣ, профессор, Ходими илми Тоҷикистон.

**Марат Ҳасанов** (1935), 90-солагии зодрӯзи коргардони кино.

## Аз идора

**Шахсиятҳои таърихӣ, олимони варзида, ходимони давлативу ҷамъиятӣ мавлуд доранд?**
**ПЕШОПЕШ МОРО ОГОҲ КУНЕД!**
**Тел: 221-00-84**

Эълонҳои бештар дар ARZON.TJ

### ЭЪТИБОР НАДОРАД

► Дафтари ҳавлӣ ба номи Қандова Умеда Давлатовна, бо суроғаи ш. Душанбе, ноҳияи Шоҳмансур, кӯчаи М. Назаршоев 269/3, ҳ. 1, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Аттестати синфи 11, №0240941, ба номи Ёров Далер Пулотович, ки соли 2009 аз ҷониби МТМУ №11-и ноҳияи И. Сомонӣ дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шиносномаи техникӣ ба номи Салимова Замира Абдусамадовна, бо суроғаи ш. Душанбе, ноҳияи Фирдавсӣ, кӯчаи Молодая Гвардия, хонаи 53, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Дафтари ҳавлӣ ба номи Табарова Қумринисо Холовна, бо суроғаи ш. Душанбе, ноҳияи Сино, кӯчаи Ҷомӣ 8/1, ҳ. 29, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шаҳодатнома ба номи Зоиров Дилшод Тохирович, РЯМ: 0730118831, РМА: 037580636, ки аз 23.07.2015 аз тарафи Нозироти андоз дар шаҳри Турсунзода дода шудааст, бинобар сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Аттестати синфи 11, АБ №102133, ба номи Собирова Зарина Абдуллоевна, соли таҳсил 1999-2000, ки аз ҷониби Литсейи президентӣ барои хонандагони болаёқати Тоҷикистон дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Дафтари ҳавлӣ ба номи Отажанов Рузали Сирожидинович, бо суроғаи ш. Душанбе, ноҳияи Сино, кӯчаи 2, гузаргоҳи Борбад, бинои 2/1, ҳ. 3, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Дафтари ҳавлӣ ба номи Маликова Пардахол Муҳаммадовна, бо суроғаи ш. Душанбе, ноҳияи Сино, кӯчаи А. Ҷомӣ 32, ҳ. 26, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шаҳодатномаи соҳибкори инфиродӣ ба номи Назарова Сафармоҳ Бозоровна, №0270567, РЯМ: 0430232624, РМА: 045208014, санаи судур 04.03.2017, Нозироти андози ноҳияи Сино, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шиносномаи техникии ҳавлидорӣ бо суроғаи ш. Душанбе, ноҳияи И. Сомонӣ, кӯчаи С. Носиров, хонаи 29, ҳ. 13, ба номи Олимов Сафар Махмадшоевич, соли 2014, бинобар сабаби гум шуданаш аз эътибор соқит дониста шавад.

► Шаҳодатномаи бақайдгирӣ ва Иқтибоси соҳибкори инфиродӣ тибқи

► Шаҳодатномаи бақайдгирӣ ва Иқтибоси ҶДММ "Саввар Иншоот", РЯМ: 0410038072, РМА: 070060407, ки аз 15.04.2022 аз тарафи Нозироти андоз дар шаҳри Турсунзода дода шудааст, бинобар сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Дафтари имтиҳонӣ ва билети донишҷӯӣ ба номи Ятимов Диловар Хайруллоевич, ки соли 2008 аз ҷониби РТСУ дода шудааст, беэътибор дониста шавад.

► Ҳуҷҷати хона бо суроғаи ш. Душанбе, н. Сино, к/д. Алишер Навой 35/1, кв 40, ки ба номи Начебуллоев Саидакбар тааллуқ дорад, аз сабаби гум шуданаш аз эътибор соқит дониста шавад.

► Дафтарчаи имтиҳонотӣ, ки бо ихтисоси 2-250132 - кори бонкӣ Муассисаи давлатии таълимии "Коллеҷи технологии шаҳри Душанбе" ба Кибаков Ҳумоюн Саъдиевич додааст, бинобар сабаби гум шуданаш аз эътибор соқит дониста шавад.

### БАРҲАМ МЕХӮРАД

► ҶСК "Сарбандская Перевалочная База", №0076392, РЯМ: 3910000995, РМА: 340002547, фаъолияташро қатъ менамояд. Ҳама арзу шикоятҳо дар давоми 2 моҳ қабул карда мешаванд.

► Кооперативи тиҷоратӣ ва иқтибоси «С Чаббор», РЯМ: 3310004491, РМА: 330002816, барҳам мехӯрад.

► Кооперативи тиҷоратии "Зариф Д", РЯМ: 3310004106, РМА: 330005113, барҳам мехӯрад.

## ЗИДДИ ТАҲСИЛИ 12-СОЛА ҲАСТАМ!

(Аввлаш дар саҳ. 5)

### КӮДАКИ ДАВРОНИ ҶАНГ

**- Мехоҳам дар бораи худатон ҳам суҳбат кунем. Чӣ шуд, ки ба педагогика рӯй овардед?**

- Ман зодаи Данғара ҳастам. Хонаводаи мо баъдан ба ноҳияи Октябр мекӯчанд. Синфи 6-ро тамом кардаму дар гирду атроф мактаб набуд, ки таҳсиламро идома диҳам. Бинобар ин, ба Қӯрғонтеппа рафта, бо тавсияи рафиқон ба Омӯзишгоҳи педагогӣ дохил шудам. Он вақт дар кишвар омӯзишгоҳи педагогӣ бисёр буд, лекин Омӯзишгоҳи педагогии Қӯрғонтеппа, Конибодом ва Панҷакент бисёр машҳур буданд ва баробар ба Донишкадаву донишгоҳ обрӯ доштанд. Муаллимони донишманд ва меҳрубон ба банда дарс гуфтанд. Маҳз таъсири чунин устодон буд, ки дар қалби ман меҳри илми педагогика бедор шуд. Баъдан Донишкадаи педагогии Душанбе, ҳоло Донишгоҳи омӯзгории Тоҷикистон ба номи устод Садриддин Айнӣро хатм кардам ва ба илм машғул шудам.

**- Мо чанд рӯз пеш 80-солагии Ҷашни Ғалабаро таҷлил кардем. Шумо ҳам кӯдаки замони ҷанг ҳастед. Аз он рӯзгорон чӣ хотирот доред?**

- Хотира зиёд дорам. Ҳоло китоби хотирот менависам, ки ҳанӯз дастнавис аст. Рӯзгори он давронро он ҷо муфассал баён кардаам. Шукри Худо, ки ҷанг дар хоки Тоҷикистон нагузаштааст, лекин воҳимаи он ва таъсири онро мо пурра эҳсос мекардем. Он замон модареро намедидед, ки шабу рӯз гиря накунад. Ҳар рӯз хати сиёҳ меомад. Модари Қаҳрамони Иттифоқи Советӣ Саидкул Турдиев ҳамдеҳаи мо буд, дар он тарафи дара зиндагӣ мекард. Тағои ман Султонмурод ҳам бо ӯ якҷо ба ҷанг рафтанд. Тағоям дар ҷанги Москва ҳалок шуд, Саидкул дар набарди Днепр. Вақте хати сиёҳ оваранд, момаи ман аз ин тарафи дара дод гуфта гиря мекард, аз он тарафи дара модари Саидкул. Ду кампир чунон фиғон мебардоштанд, ки садояшон тамоми дараро ба мотам мекашид... Данғара ватани ғалла аст, вале мо гурусна будем. Бригадаи саракчинҳо ташкил карда будему аз ҳисоби он нон мехӯрдем. Яъне соҳиби ғалла будему гурусна мегаштем, вале ҳеҷ гап не, норозӣ набудем. Кош як аскар сер бошад...

**- Устоди азиз, 90-сола шудед. Муборак бошад! Ин марҳилаи умрро бо қадом рӯҳия пешвоз мегиред?**

- Афсӯс, ки беморам. Ду пой дард мекунад. Рӯйи ҳавлӣ мегардам, вале аз зина баромада наметавонам. Ҷойи кор ҳам намеравам, чунки утоқи кориам дар ошёни дуюм аст, баромада наметавонам. Ин беморӣ маро дар муҳити танг гирифтааст аз дӯстону шогирдон ҷудо ҳастам. Гарчанде танхоям намегузоранд, зиёд хабар мегиранд... Фарзандону наберагон дар атрофам ҳастанд.

Вале шукр, ки тавони навиштан дорам. Мақолаву китобхо менависам. Чандин нақша дорам, ки дар пайи амалӣ намуданашон ҳастам.

**- Ба шумо саломатӣ ва амалӣ шудани нақшаҳоятонро орзу менамоем.**

Мусоҳиб:
Одил НОЗИР

## JOB VACANCIES

UNDP is the United Nations' global development network, an organization helping to achieve the eradication of poverty, and the reduction of inequalities and exclusion by supporting countries to develop policies, leadership skills, partnering abilities, institutional capabilities and build resilience to sustain development results. The network is active in about 170 countries and is present in Tajikistan since 1994. Our current focus in the country is on sustainable economic development, governance, building resilience to climate phenomena, developing the country's potential on green energy, and reducing the burden of HIV/AIDS.

**UNDP Tajikistan is seeking to recruit:**

**• TB Project/M&E Coordinator, Only for citizens or residents of Tajikistan (Job ID: 26507/National Personnel Services Agreement/NPSA-9); Duty Station: Dushanbe; Deadline for applications: 30 May 2025, 23:59 New York time.**

For detailed Job Description and instructions for submission of applications please visit our website https://www.undp.org/tajikistan/jobs

Online application includes filling in the online form with all the required information. Incomplete forms will not be considered for further assessment.

UNDP is committed to achieving workforce diversity. Women are encouraged to apply, as well as individuals from minority groups and persons with disabilities.

## ЧЕМПИОНАТИ ТОҶИКИСТОН

# ПИРӮЗИИ «РАВШАН» ВА АВВАЛИН БОХТИ «ИСТИҚЛОЛ»

**Дар бозии маркazии даври 9-уми Чемпионати футболи Тоҷикистон миёни дастаҳои Лигаи олӣ «Равшан» бар «Истиқлол» пирӯз шуд.**



Бозии аввали даврро “Вахш” ва “Хулбук” оғоз карданд. Вохӯрии дастаҳо дар шаҳри Бохтар сурат гирифта, бо натиҷаи мусовии 1:1 хотима ёфт. «Вахш» то ҳанӯз дар мавсими имсола шикастнопазир боқӣ мемонад. Ин бохти 5-уми “Хулбук” аст.

«Истаравшан» дар аввалин бозӣ бо роҳнамоии мураббии нав Тоҳир Муъминов бар “Баркчӣ” пирӯз шуд. Ин ғалабаи 2-юми “Истаравшан” дар мавсим аст. “Баркчӣ” бохти 4-умро аз сар гузаронд.

КМВА дар сафар бо “Эсхата” бозӣ кард ва бо ҳисоби 2:0 ғалаба ба даст овард. «Эсхата» пас аз 4 бозии бебохт мувоҷеҳи шикаст шуд. КМВА 4 бозӣ аст, ки шикаст намехӯрад.

“Истиқлол” ва “Равшан” дар шаҳри Кӯлоб бо ҳудголи “Истиқлол” Ахтам Назаров бозиро ба анҷом расониданд. Барои тими «Истиқлол» ин аввалин бохти мавсим аст. Навобаста аз бохт “Истиқлол” дар зинаи аввал мавкеашро нигоҳ медорад.

“Хуҷанд” дар ин давр дар майдони худ бар «Панҷшер» пирӯз шуд - 3:0. “Панҷшер” то ханӯз дар мавсими имсола ғалаба надорад.

Бозии охири даври 9-ум миёни дастаҳои “Регар-ТадАЗ” ва “Ҳосилот” дар “Талко-Арена” бо ҳисоби 1:0 ба фоидаи соҳибони майдон хотима ёфт. “Регар-ТадАЗ” аввалин ғалабаро бо роҳнамоии Алишер Тӯхтаев соҳиб шуд. Зайниддин Раҳимов дар бозӣ муқобили собиқ тимаш дучори бохт шуд. Ин дуюмин бохти «Ҳосилот» бо роҳбарии Раҳимов аст.

Ҳоло дар ҷадвали мусобиқа “Истиқлол” бо 21 имтиёз дар пеш аст. “Вахш” 20 имтиёз дорад ва дар зинаи дуюм мавкеъ гирифтааст. “Равшан” бо 19 имтиёз ва КМВА бо 18 имтиёз дар қатори чаҳоргонаи беҳтаринҳо мебошанд. “Хулбук” ва “Панҷшер” дар зинаҳои охири ҷадваланд.

## ФУТБОЛ

# НАВРАСОНИ ТОҶИКИСТОН ДАР CAFA-2025 ШИРКАТ МЕКУНАНД

**Дастаи мунтахаби наврасони футболбози Тоҷикистон бо роҳбарии мураббӣ Далер Каёсов дар Чемпионати Ассотсиатсияи футболи Осиёи Марказӣ (CAFA-2025), ки аз 24 то 31-уми май дар Тошканд баргузор мешавад, ширкат мекунад.**




Дар чемпионати CAFA-2025 шаш дастаи минтақа - Тоҷикистон, Ӯзбекистон, Қирғизистон, Туркманистон, Эрон ва Афғонистон бозӣ мекунанд.

Дар қуръакашии мусобиқа дастаҳо ба ду гурӯҳ ҷудо мешаванд. Дар марҳилаи гурӯҳӣ дастаҳо дар як давр бозӣ мекунанд. Ғолибони гурӯҳ дар бозии ниҳоӣ вомехӯранд. Дастаҳое, ки дар гурӯҳҳо ҷойи дуюмро ишғол мекунанд, барои ҷойи сеюм мубориза мебаранд. Инчунин, бозӣ барои ҷойҳои панҷум-шашум баргузор мешавад.

## ҶУДО

# 9 ПАҲЛАВОНИ ТОҶИКИСТОН ДАР ЧЕМПИОНАТИ ҶАҲОН

**Аз 13 то 20-уми июн дар Будапешти Маҷористон Чемпионати ҷаҳонии ҷудо баргузор мешавад, ки дар он намояндаҳои Тоҷикистон низ ширкат мекунанд.**

Дар ин мусобиқа аз Тоҷикистон 9 паҳлавон дар 6 вазн ширкат мекунанд. Инҳо Меҳрзод Суфиев дар вазни 60 кг, Эмомалии Нуралӣ ва Обид Чебов дар вазни 66 кг, Абубакр Шеров ва Беҳрӯзи Хоҷазода дар вазни 73 кг, Сомон Маҳмадбеков дар вазни 81 кг, Ҷаҳонгир Маҷидов ва Кароматулло Ҳакимов дар вазни -100 кг, Темур Раҳимов дар вазни +100 кг ҳастанд.




## ФУТЗАЛ



# “СОРО КОМПАНИЯ” ҒОЛИБИ СУПЕРЛИГАИ ТОҶИКИСТОН ШУД

**Дастаҳои «Соро компания» ва «Истиқлол» дар силсилабозиҳои финалии Суперлигаи футзали Тоҷикистон бо ҳам вохӯрданд ва «Соро компания» се пирӯзӣ ба даст оварда, чемпион шуд.**

Мувофиқи низомномаи мусобиқа дастаҳо дар силсилабозии финалӣ то се пирӯзии як даста бозӣ мекунанд. «Соро компания» дар бозии аввал бо ҳисоби 3:2, дар бозии дуюм бо ҳисоби 5:2 пирӯз шуда буд. Дар бозии сеюми финалӣ шогирдони Пайрав Воҳидов бо ҳисоби 4:1 ғалаба карда, унвони чемпиониро соҳиб шуданд.

Дастаҳои “Сипар” ва “Амонатбонк” барои ба даст овардани нишонҳои биринҷии мавсими имсолаи Суперлигаи Тоҷикистон бозӣ карданд. Бозии аввали дастаҳо дар Душанбе бо ҳисоби 4:2 ба фоидаи “Сипар”-и шаҳри Хуҷанд хотима ёфт. Вохӯрии дуюм дар шаҳри Хуҷанд баргузор шуда, бо ҳисоби 5:4 ба фоидаи “Сипар” хотима ёфт.

## РЕЗААХБОР



Дарвозабони дастаи мунтахаби Тоҷикистон Рустам Ятимов, ки дар клуби футболи «Ростов»-и Русия дар Премйер Лигаи ин кишвар бозӣ мекунад, беҳтарин дарвозабони Ҷоми Русия дониста шуд. Ӯ дар раъйпурсӣ аз дарвозабони ССКА Тороп (19%) ва «Спартак» Селихов (4%) пеш гузашт. Дастаи Ятимов рӯзи 1-уми июн дар суперфинали Ҷоми Русия бо ССКА бозӣ мекунад.

***

25-уми май дар Варзишгоҳи марказии шаҳри Ҳисор бозӣ барои Суперҷоми футболи Тоҷикистон-2025 байни чемпиони кишвар «Истиқлол»-и Душанбе ва ғолиби Ҷоми Тоҷикистон «Регар-ТадАЗ»-и Турсунзода баргузор мешавад. Дастаҳои “Истиқлол” ва “Регар-ТадАЗ” маротибаи чорум аст, ки барои Суперҷоми Тоҷикистон бозӣ мекунанд. Дар се бозӣ «Истиқлол» ғолиб омад буд.

***

Аз 19 то 23-юми майи соли 2025 дар шаҳри Тошканди Ӯзбекистон Чемпионати якуми кушоди Осиёи Миёна дар намуди варзиши обӣ баргузор мешавад. Дар ин чемпионат Тоҷикистонро 30 варзишгар, 3 мураббӣ, 1 довар ва 1 роҳбари гурӯҳ муаррифӣ мекунанд.

***

Дастаи мунтахаби ҷиу-читсуи Тоҷикистон аз Abu Dhabi Grand Slam Jiu-Jitsu Word Tour-2025-Professional 2 нишони тилло, 1 нуқра ва 4 биринҷӣ ба даст овард. Тиллоро Ҳикматшо Сатторов (85 кг), Салмон Ризоев (62 кг), нуқраро Абдуллоҳ Латифов (46 кг), биринҷиро Абдураҳмони Баҳром (77 кг), Шаҳром Маҳмудов (66 кг), Исмоил Зиёев (73 кг) ва Муҳаммад Соҳибзода (50 кг) соҳиб шуданд.




### ФРАНКЛИН

Беморхонаи касалиҳои рӯҳӣ.
Ҳамшира:
- Духтур, беморе, ки аз ҳуҷраи дуюм аст ва беист «Бенямин Франклин, Бенямин Франклин» мегӯяд, сабаби бемориаш чист?
- Писарчаи хурдияш дар зодрӯзаш ба ӯ яксаду панҷоҳ сурати Франклинро тухфа кардааст.
- Хмм, аҷоиб. Ин қадар суратро ӯ аз куҷо ёфтааст?
- Вақте ки писарчаро танҳо монда, хама пайи кори худ рафтаанд, ӯ ин суратҳоро аз саддолларӣ бо қайчӣ бурида гирифтааст...

### ДУ ШАБУШК

Ду шабушк рафта истода буданд, ки аз пешашон шабушки сеюм баромад.
- Куҷо меравед?,- пурсид сеюмӣ.
- Ба сари кали П...,- ҷавоб доданд онҳо.
- Он ҷо чӣ кор мекунед?!,- гуфт шабушки сеюм.- Ана ба сари В... равед, кайф мекунед. Мӯйхояш дароз-дароз, сараш ношуставу чиркин.
Ду шабушк гуфтанд:
- Мо худамон ҳамон ҷо зиндагӣ мекунем, ба инҷо яхмолакбозӣ меравем...

### МАСАЛ

Зарбулмасале буд, ки мегуфтанд: «Бисёр донӣ, зуд пир мешавӣ!».
Ба аксари ҷавононе ҳозира нигариста, аз он хурсанд мешавам, ки онҳо ба зудӣ пир нахоҳанд шуд...

### ПИЁЛАИ ХОЛӢ

Дар майхона. Соқӣ ба мизоҷ:
- Пиёлаи шумо холӣ шудааст. Яктои дигар мехоҳед?
Мизоҷ мастона:
- Девона шудай?! Ду пиёлаи холиро ба сарам мезанам?!

### ДАРЗМОЛ

- Занак, ман ба ту гуфтам, ки костюмамро дарзмол кун!
- Дарзмол кардам.
- Дурӯғ нагӯ! Сад сӯме, ки дар кисаам буд, ҳамон хел истодааст...
Шустушӯ
Дирӯз ӯ тирезаҳои хонаашро шуст. Субҳ равшанӣ ду соат пештар ба хона даромад. Имрӯз ният дорад, ки пардаҳоро ҳам шӯяд...

### ИСБОТ

Олимон исбот кардаанд, ки хавфи аз самолёти шахсӣ афтода ба ҳалокат расидан ба сифр баробар аст. Агар онро надошта бошӣ...

**Х. БАСРИДДИНОВ**

### АДОЛАТ

Як ронандаи автобус ва як мулло дар як рӯз мефавтанд. Ронанда ба биҳишт меравад у мулло ба дӯзах. Мулло аз чунин ранг гирифтани ҳол мутзар гардида, аз Худованд адолат талаб мекунад:
- Худовандо, ман тамоми умр аз фармудаҳои ту берун набудам, хамеша амри маъруф мекардам, чаро маро ба дӯзах фиристодиву як майхорaро ба биҳишт?
Худованд:
- Барои он ки амри маъруфи туро касе гӯш намекард, вале хангоми автобус рондани ин ронанда тамоми мусофирон маро ба ёд меоварданд.

### КАМАРБАНДИ СИЁҲ

Марде рафиқашро мебинад, сиёҳу кабуд ва дасташ шикаста:
- Кароматулло, туро кӣ зад?
- Дишаб ба ман ду бӯзбала ҳуҷум карданд.
Рафиқаш мегӯяд:
- Охир ту камарбанди сиёҳи каратэ дорӣ ку?
Кароматулло:
- Шаб торик буд, онҳо надиданд.

### АРАҚ

Дар як шабнишинӣ:
- Султон, ту чӣ менушӣ? Май ё арақ?
Султон:
- Ба ман май рез!
- Итолиёвӣ ё гурҷӣ?
Султон:
- Итолиёвӣ.
- Ширинашро ё пуркувваташро?
Султон:
- Э аблаҳ, ба ман арақ рехтан гир!

### НАМОЗ

Як шиноси Мушфиқӣ, ки одами сарватманд буд, бемор шуд. Мушфиқӣ беморбинӣ рафт. Шиносаш ба ӯ панҷоҳ танга доду гуфт:
- Чун ман беморам, наметавонам намоз бихонам. Ҳар рӯз панҷ вақт намозатонро ду карат хонеду як караташро ба ман бубахшед.
Мушфиқӣ бист тангаро гардонда доду узр пурсид:
- Хобам сахт, барои намози бомдод хеста наметавонам, хуфтан нарасида, хобам мебарад, барои се вақт намоз сӣ тангаатон кофист.

### ШУТУР

Марде камтар пул пасандоз карду ба куҷо пинҳон карданашро надониста, ба халтачае андохта, ба дарахт баромада, ба шохи аз ҳама баланд овехт.
Як шахси аз ин воқеа хабардор пулро гирифту ба ҷояш саргини шутур андохта монд.
Баъди чанд рӯз ба мард пул лозим шуд, баромада халтачаро гирифта диду ҳайрон шуда, гуфт:
- Аҷабо, ба ин дарахт одам базӯр мебарояду шутур чӣ хел баромада бошад?

### КАМЕРА

Мӯйсафед ба наберааш:
- Дар замони шӯравӣ бо як сум аз мағоза шакар, набот, чойи кабуд ва қанду қандалот гирифта мешуд...
- Ҳоло чӣ, бобоҷон?
- Намешавад, дар тамоми мағозаҳо камера часпондаанд...

**Таҳияи Н. РАҶАБОВА**

### Сканворд

